Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№17 (1166)

Панҷшанбе, 25 апрели соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

# Натиҷаи амалиёти назоратӣ

## ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ ҚОНУН ВАЗИФАИ МУҚАДДАС АСТ



ҚОНУН ВА АНДОЗ



## Андозаҳои ҷаримаи маъмурӣ

Оқибатҳои риоя накардани иҷрои ӯҳдадориҳои андоз

с. 6

ПРЕЗИДЕНТ



**Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон**

дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6 дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе

с. 2-3

ҲАМКОРӢ

**Дар Чин аз ҷониби Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. Ёддошти тафоҳум «Оид ба Механизми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» ба имзо расид**

с. 5

НАМУДҲОИ АНДОЗ

**Андоз аз фоида**

Дар мадди назар - масъалаҳои пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида

с. 5

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

**Ҳолати интиқоли маълумоти НФС-ҳо ба Кумитаи андоз**

Ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамон - самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз

с. 8

**Зуҳуроти номатлуб**

Роҳҳои пешгирӣ намудани зуҳуроти коррупсионӣ

с. 10

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Вазъи пешниҳоди эъломияи андоз**

Вазъи пешниҳоди эъломияи андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ

с. 11

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6 дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе



**Муҳтарам аҳли маорифи шаҳри Душанбе!**

**Омӯзгорон ва хонандагони азиз!**

Имрӯз ба ифтихори Рӯзи пойтахт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани боз як муассисаи нави таълимиро ба кормандони соҳаи маорифи шаҳр, устодону омӯзгорон ва хонандагон табрик гуфта, ба шогирдони ин боргоҳи илму маърифат хониши хубу аъло, одобу ахлоқи ҳамида ва ба аҳли маориф дар ҷодаи таълиму тарбияи насли наврас барору комёбиҳо орзумандам.

Ҳамчунин, ба соҳибкори саховатманди ватанӣ барои ташаббус ва маблағгузории чунин иншооти зебову муҷаҳҳаз, ки ба насли ояндасозамон туҳфаи арзандаи идона мебошад, миннатдорӣ изҳор менамоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар шаҳри Душанбе низ баробари дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба истиқболи ҷашни муборaку муқаддаси миллиамон – 30 солагии истиқлолияти давлатӣ нақшаҳои бузурги созанда амалӣ шуда истодаанд, ки ифтитоҳи иншооти имрӯза далели равшани татбиқи нақшаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат дар ин самт мебошад.

Ба истифода додани муассисаҳои таълимии дорои шароиту имконоти муосири таҳсилот, аз ҷумла таъминоти онҳо бо технологияҳои инноватсионӣ ва ба роҳ мондани роҳу усулҳои пешрафтаи таълим, бешубҳа, ба болоравии сатҳи донишомӯзӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии толибилмон мусоидат намуда, ҷиҳати рушди қобилияти зеҳнӣ ва нававарии насли наврас заминаи воқеӣ мегузорад.

Мактаби навбунёди рақами шаш дар муддати чор моҳи охир дар қаламрави шаҳри Душанбе панҷумин муассисаи таълимие мебошад, ки бо фароҳам овардани тамоми шароит барои таҳсил бунёд гардида, аз лиҳози ғунҷоиш ва имкониятҳои таълиму тарбия муассисаҳои таълимии пешқадам ба ҳисоб мераванд.

Умуман, то охири сол боз 7 мактаби дигар бунёд гардида, дар маҷмӯъ, худи ҳамин сол барои 17 ҳазор нафар хонанда ҷойи нишаст муҳайё карда мешавад.

Бунёд гардидани муассисаи таълимии имрӯза баёнгари он аст, ки Ҳукумати мамлакат ба масъалаи таъмин намудани шароити зарурӣ барои таҳсилоти босифат ва дар ин замина, барои пешрафти соҳаи маориф таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, дастгирии соҳаи мазкурро аз рукнҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ меҳисобад.

Бо ин мақсад, ҳоло дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёди 17 муассисаи таълимӣ барои қариб 22 ҳазор ҷойи нишаст идома дорад.

Илова бар ин, моҳи ноябри соли 2018 ҷиҳати сохтмони боз 6 муассисаи нави таълимӣ барои 14520 ҷойи нишаст санги асос гузошта шуд, ки айни замон корҳои лоиҳакашии онҳо дар арафаи анҷомёбӣ қарор дошта, ҳамчунин, аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ 14 муассисаи томактабии хусусӣ бунёд шуда истодааст.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6, ки имрӯз ба истифода додем, моҳи октябри соли 2017 оғоз гардида, дар натиҷаи заҳмати софдилонаи мутахассисону коргарони маҳаллӣ дар зарфи якуним сол бо сатҳу сифати баланди меъморӣ қомат афрохтааст.

Дар ҷараёни сохтмони он зиёда аз 160 нафар мутахассису сохтмончиён маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Муассисаи таълимӣ барои 2400 ҷойи нишаст бунёд шуда, аз се бинои чорошёнаи таълимӣ, 51 синфхонаи барҳаво, 38 утоқи корӣ, ҳуҷраҳои ёрирасон, инчунин, маҷлисгоҳ бо 380 ҷойи нишаст, толори варзиш, ошхона бо 160 ҷойи нишаст, бунгоҳи тиббиву дандонпизишкӣ ва китобхонаҳои анъанавию электронӣ иборат мебошад.

Ҳамчунин, дар ин муассиса утоқҳои муҷаҳҳази компютериву лингофонӣ, синфхонаҳо барои таҳсилоти иловагӣ ва ду майдончаи варзиш муҳайё карда шудаанд.

Яъне дар муассиса барои омӯзгорону шогирдон шароити сатҳи баланд бо истифода аз таҷҳизоти замонавии таълимию озмоишгоҳӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ таъмин карда шудааст.

Насли наврас ва ҷавононро зарур аст, ки бо истифода аз шароиту имкониятҳои беҳтарине, ки Ҳукумати мамлакат барои онҳо муҳайё кардааст, пеш аз ҳама, хуб таҳсил кунанд, одобу ахлоқи ҳамидаи миллӣ, қонуну тартиботро риоя намоянд, яъне намунаи ибрати ҳамсолони худ бошанд ва ҳамчун шахсиятҳои донишманду босавод, худшиносу худогоҳ, ва ватандӯсту ободгар ба воя расанд.

Шумо – насли хушбахти замони истиқлолият ва фарзандони Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр бояд Ватани худро сидқан дӯст доред ва барои дар оянда ба таври шоиста муаррифӣ кардани он аз имрӯз омода бошед.

Дар ин ҷода, омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа вазифадоранд, ки нақши худро ҳамчун тарбиятгару ҳидоятгари наврасону ҷавонон ва бо дарки масъулият дар наздиояндаи давлат ва миллат иҷро намоянд.

Бунёди муассисаҳои таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил барои наслҳоиояндасоз вазифаи давлату Ҳукумат мебошад.

Мо дар ин самт имкониятҳои соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатмандро низ ҷалб карда истодаем.

Вале истифодаи мақсадноку босамар аз чунин имкониятҳои фароҳамовардашуда аз роҳбарону масъулони соҳаи маориф, омӯзгорон ва худи хонандагони мактабҳо масъулияти баландро талаб мекунад.

Борҳо таъкид кардаам ва бори дигар хотирнишон месозам, ки бо вуҷуди муҳайё будани тамоми шароити зарурӣ ҳанӯз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот аз ҷумлаи масъалаҳои асосии ҳалталаб боқӣ мемонад.

Такроран таъкид месозам, ки баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли соҳибмаърифату донишманд, хушахлоқ ва дорои фазилатҳои беҳтарини инсонӣ вазифаи устодону омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа мебошад.

Итминон дорам, ки аҳли маорифи шаҳр ба кору фаъолияти ҳаррӯзаашон – таълиму тарбияи наслҳоиояндаи миллат ва давлат бо масъулияти баланд муносибат карда, шогирдони худро дар рӯҳияи хештаншиносиву ватандӯстӣ, эҳтиром ба фарҳангу тамаддуни миллӣ ва арзишҳои истиқлолияту озодии сарзамини аҷдодӣ тарбия менамоянд.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи пойтахт ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани боз як боргоҳи маърифат табрик гуфта, бароятон тансиҳатӣ, иқболи нек ва хониши хубу аъло орзумандам.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

---

### Дастури Пешвои миллат оид ба нархи истифодаи интернет

23 апрел бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нархи истифодаи интернет ва арзиши тарофаҳои ширкатҳои мобилӣ ба ҳолати аввала баргардонида шуд.

Бо супориши Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати шахсони масъуле, ки ба ин кор роҳ доданд, чораҷӯӣ карда шуд.

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони шаҳри Душанбе зимни ба истифода додани Амфитеатр дар боғи ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рӯзи пойтахт ва ифтитоҳи амфитеатри зебову муосирро дар боғи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ба кулли сокинони шаҳри Душанбе ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ табрик гуфта, ба меъморону сохтмончиён барои заҳмати софдилонаашон миннатдорӣ баён менамоям.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои истироҳату фароғати сокинону меҳмонони пойтахт ва боз ҳам ободу зебо гардонидани маркази давлатамон солҳои охир 61 боғу гулгашт, 173 толору майдончаи варзиш ва бозии кӯдакон бунёд карда шуд.

Тибқи нақша соли ҷорӣ бунёди боз 7 гулгашт ва 63 майдончаи варзиш ба истифода супорида мешавад.

То имрӯз дар шаҳри Душанбе барои баргузор намудани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ се амфитеатр, аз ҷумла дар боғҳои Ирам, ба номи Садриддин Айнӣ ва боғи кӯдакон бо зиёда аз 3000 ҷойи нишаст бунёд карда шудаанд.

Амфитеатре, ки имрӯз дар яке аз маҳалҳои сераҳолии шаҳр бо 1600 ҷойи нишаст мавриди истифода қарор дода шуд, идомаи тадбирҳои созандаи Ҳукумати мамлакат доир ба фароҳам овардани шароити мусоиди истироҳату фароғат, махсусан, барои ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки дар даврони истиқлолият фарҳанги миллии мо дар тарбияи ҳисси бедориву худшиносии миллӣ, махсусан, густариши эҳсоси ватандӯстиву зебоишиносии наврасону ҷавонон нақши муҳим бозида истодааст.

Бояд гуфт, ки театр дар ҳаёти фарҳангии давлатҳои соҳибтамаддун ва рангоранг сохтани маънавиёти аҳли ҷомеа мақоми пураҳаммият дошта, дар инъикос намудани муборизаи байни некиву бадӣ, адолату беадолатӣ, равшаниву зулмот, ошкорсозии камбудиву нуқсҳои ҷомеа ва бо ҳамин роҳ тарбия намудани насли солиму соҳибмаърифат саҳми басо арзишманд гузоштааст.

Умедворем, ки амфитеатри нав низ ҳамчун маркази рушди фарҳанги миллӣ, манбаи камолоти маънавии сокинони пойтахт ва таҳкими эҳсоси зебоипарастии онҳо хизмат хоҳад кард.

Аслан мо амфитеатрҳоро ба он мақсад бунёд карда истодаем, ки дар онҳо на танҳо барномаҳои консертӣ, балки дигар чорабиниҳои фарҳангӣ ва вохӯриву суҳбатҳо бо аҳли ҷомеа баргузор карда шаванд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тавре ки зикр кардам, пойтахти азизамон — шаҳри Душанбе ҳамчун маркази маъмурии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ойинаи миллати соҳибтамаддуни тоҷик бо дастгириву ғамхориҳои доимии давлату Ҳукумат ва заҳмати созандаву иқдомоти ватандӯстонаи сокинони он хеле зебову замонавӣ шуда истодааст.

Хусусан, баъди мулоқоти Роҳбари давлат бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони пойтахт дар моҳи феврали соли 2017, ки дар ҷараёни он норасоиву мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаби шаҳр ҳамаҷониба баррасӣ гардида, ҷиҳати бартарафсозии онҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда буданд, то имрӯз хеле корҳои ободониву бунёдкорӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Бо мақсади таъмини пешрафти соҳаҳои мухталифи пойтахт, аз ҷумла доир ба беҳбуд бахшидани ҳолати инфрасохтор, сохтмон ва таҷдиди роҳҳои дохилишаҳрӣ, бунёди истгоҳҳои замонавӣ, таъминот бо воситаҳои

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони шаҳри Душанбе зимни ба истифода додани Амфитеатр дар боғи ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе

нақлиёти муосири ҷамъиятӣ, таҷдиду барқарорсозӣ ва иваз намудани хатҳои интиқоли нерӯи барқ, зеристгоҳҳои барқӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои таълимӣ, иншооти варзиш ва боғҳои фарҳангу фароғат то имрӯз корҳои назаррас амалӣ гардидаанд.

Дар пойтахт тайи ду соли охир 64 коргоҳу корхонаҳои саноатӣ таъсис ёфта, дар ин замина 52 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шудаанд.

Соли гузашта бо иштироки Сарвари давлат барои бунёди маҷмӯи корхонаҳои саноатӣ бо муҳайё намудани беш аз се ҳазор ҷойи нави корӣ санги асос гузошта шуд, ки баъди ба фаъолият оғоз кардани онҳо соҳаи саноати пойтахт хеле рушд хоҳад кард.

Яъне ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, масолеҳи сохтмон, дӯзандагӣ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо бамаротиб афзоиш меёбад.

Ҳамчунин, дар доираи нақшаи чорабиниҳои вобаста ба таҷлили ҷашни 30 – солагии истиқлолияти давлатӣ дар се соли оянда дар пойтахт бунёди 74 корхонаи саноатӣ бо таъсис додани ҳазорҳо ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст.

Субҳи имрӯз мо ба корҳои азнавсозии корхонаи коркарди ғалла оғоз бахшидем, ки бояд то охири сол ба фаъолият шурӯъ карда, садҳо нафар сокинони шаҳрро ба ҷойи кори доимӣ таъмин намояд.

Вобаста ба масъалаи корхонаҳои истеҳсолӣ бори дигар хотиррасон месозам, ки роҳбарону масъулони шаҳр дар хусуси ҳарчи зудтар ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва муҳайё намудани ҷойҳои иловагии корӣ чораҷӯӣ карда, дар сурати зарурат доир ба дигар кардани шакли моликият ва соҳибмулкони онҳо тадбирҳои фаврӣ андешанд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти шаҳрдорӣ таъминоти сокинон ва корхонаву муассисаҳо бо нерӯи барқи доимӣ ва гармӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби сохтору мақомоти дахлдори шаҳр ва ноҳияҳои он дар ин самт то имрӯз корҳои зиёди сохтмон ва таҷдиду навсозии инфрасохтори энергетикӣ амалӣ гардидаанд.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмини фаъолияти мунтазаму самарабахши корхонаву муассисаҳо ва аҳолӣ дар давраи тирамоҳу зимистон қариб 52 километр қубурҳои гармидиҳанда иваз гардида, 1900 иншооту биноҳо бо гармӣ таъмин карда шудаанд.

Дар робита ба масъалаи нерӯи барқ бояд гуфт, ки дар шаҳр то ҳанӯз ҳолатҳои истифодаи исрофкоронаи он зиёд мушоҳида мешаванд ва зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт, инчунин, доир ба пардохти саривақтии маблағи барқи истифодашуда тақвият бахшида шаванд.

Соҳаи сохтмон низ аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти шаҳрдорӣ ба ҳисоб меравад, зеро он ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди инфрасохтори шаҳр заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Айни замон нақшаи генералии шаҳри Душанбе мавриди амал қарор дорад, ки дар асоси марҳалаи якуми он ҳудуди маъмурии шаҳри Душанбе аз ҳисоби заминҳои ноҳияи Рӯдакӣ ба масоҳати 7,6 ҳазор гектар васеъ карда мешавад.

Яъне тибқи нақшаи генералӣ ҳудуди пойтахт дарояндаи наздик хеле васеъ гардида, бо бунёду азнавсозии садҳо иншооти маъмуриву манзилҳои истиқоматӣ, роҳу пулҳо ва боғу гулгаштҳои нав ба яке аз шаҳрҳои муосиру ҳамешасабз мубаддал мегардад.

Боиси қаноатмандист, ки мутахассисону муҳандисони тоҷик ҳангоми лоиҳакашӣ ва бунёди биноҳои шаҳр, ки торафт вусъат гирифта истодааст, ҳарчи бештар ба талаботи технологияҳои муосири меъмориву сохтмон ва услуби миллӣ такя карда, барои қомат афрохтани иншооти мувофиқ ба шароиту иқлими Тоҷикистон саъю кӯшиш мекунанд.

Тибқи таҳлилҳо ҳоло сатҳи хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ низ хеле беҳтар шудааст.

Бо ин мақсад, солҳои 2017 – 2018 сохтмони силсилаи истгоҳҳои нақлиётӣ ба итмом расида, то соли 2025 азнавсозии истгоҳҳои боқимонда амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон ба варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим дар ҳудуди боғи фарҳангу фароғати ба номи Абулқосими Фирдавсӣ бори аввал майдончаи яхмолакбозии сунъӣ ба истифода супорида шуда, ҳамзамон бо ин, бунёди боз ду қасри дигари варзиш бо 5000 ҷойи нишаст (қасрҳои теннис барои 3000 ҷой ва намудҳои варзиши обӣ бо 2000 ҷойи нишаст) бомаром идома дорад.

Тавассути маблағҳои буҷети шаҳри Душанбе ва ҷалби соҳибкорон дар самти бунёд ва таҷдиду азнавсозии роҳҳои дохилӣ низ корҳои зиёде амалӣ гардидаанд.

Яке аз иқдомоти созанда дар ин ҷода бунёди роҳҳои зеризаминӣ, сеқабата, таваққуфгоҳҳо ва дигар инфрасохтори замонавӣ мебошад, ки бо анҷом ёфтани корҳои сохтмон дар онҳо симои пойтахти кишварамон боз ҳам зебо ва шароити хизматрасонии нақлиётӣ хеле беҳтар мегардад.

Ҳамзамон бо ин, пулҳои мошингард ва роҳи оҳан дар хиёбонҳои Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Сино ва кӯчаи Аҳмади Дониш бо услуби муосир таъмиру таҷдид гардида, ба таври замонавӣ чароғон карда шудаанд.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки баъзе камбудиву норасоиҳои то ҳанӯз дар ҷодаи хизматрасонии нақлиётӣ ҷойдоштаро ҳарчи зудтар бартараф карда, ҳангоми бунёду азнавсозии роҳҳо масъалаҳои вобаста ба муҳлати татбиқи лоиҳаҳо, сифати баланди корҳо ва хароҷоти мақсадноки маблағҳо таҳти назорати қатъӣ қарор дода шаванд.

Дар ин самт, махсусан, ба сифати корҳо эътибори аввалиндараҷа бояд дод, то ки ин роҳҳо ва дигар иншооти бунёдшуда ба мардум даҳсолаҳо хизмат кунанд.

Давоми ду соли охир ба хотири таҳкими заминаи моддиву техникии корхонаҳои коммуналии мусофирбарии шаҳри Душанбе ва тақвият бахшидан ба фаъолияти мусофиркашонӣ 268 автобуси гуногунтамға харидорӣ ва ворид карда шудаанд.

Воситаҳои нақлиёти мусофирбари воридгардида аз лиҳози бехатарӣ ва сифати хизматрасонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошанд.

Мақомоти марбутаи шаҳр нақша доранд, ки то охири соли равон иловатан боз 100 автобус ва дигар намуди воситаҳои нақлиёти мусофирбар истеҳсол намоянд.

Тавре хабар доред, чанде пештар дар пойтахт аввалин корхонаи истеҳсоли автобусҳо ба фаъолият оғоз намуд.

Дар мулоқоти соли 2017 таъкид карда будам, ки бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин кардани аҳолии шаҳр масъалаи муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар ду соли сипаригардида ҷиҳати иҷрои ин супориш ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо дар соҳаи обрасонӣ, инчунин, безараргардонии оби нӯшокӣ ва баланд бардоштани сифати он як қатор чорабиниҳои мушаххас амалӣ карда шудаанд.

Танҳо дар ду соли охир қариб 30 ҳазор метр қубурҳои фарсудашудаи оби нӯшокӣ ва корез навсозӣ гардидаанд.

Инчунин, соли 2017 дар доираи Лоиҳаи дуюми обтаъминкунии шаҳри Душанбе сохтмони обполакҳои зудамали регӣ дар пойгоҳи обтаъминкунии пойтахт, ки иқтидори истеҳсолии он дар як шабонарӯз 150 ҳазор метри мукааб оби тозаро ташкил медиҳад, корҳои сохтмон ба итмом расида, навбати дуюми он то моҳи майи соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад.

Дар ин самт, ҳамчунин, бо Бонки Осиёии Рушд созишномаи грантӣ ба имзо расонида шуда, ҳоло татбиқи он идома дорад.

Дар доираи лоиҳаи мазкур 425 ҳазор нафар сокинони пойтахт бо оби босифати ошомиданӣ таъмин гардида, барқарор намудани шоҳқубурҳои корезӣ ва харидории ҳисобкунакҳои обӣ амалӣ мегардад.

Вобаста ба ин, ба сокинони муҳтарами пойтахт махсус хотирнишон месозам, ки ба масъалаи истифодаи сарфакоронаи оби ошомиданӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ бунёди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини пойтахт мебошад.

Моҳи феврали соли 2017, дар мулоқоти зикршуда Вазорати маориф ва илм якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе вазифадор шуда буданд, ки дар муддати се сол 25 мактаби нави таҳсилоти умумӣ бунёд намоянд.

Тибқи маълумот дар давоми ду солу се моҳи охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо сохтмони 30 муассисаи таълимӣ барои зиёда аз 52 ҳазор хонанда оғоз гардида, аз онҳо то имрӯз бо дарназардошти мактабе, ки мо имрӯз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ифтитоҳ намудем, 13 муассиса бо 18000 ҷойи нишаст ба истифода супорида шуд. Ҳоло дар шаҳр бунёди 17 муассисаи таълимӣ барои 22 ҳазор хонанда ва 14 муассисаи томактабии хусусӣ идома дорад.

Зарур аст, ки бунёди муассисаҳои таълимии оғозгардида дар муҳлатҳои муқарраргардида ва бо сифати баланд анҷом дода, дар ин раванд, ҳамчунин, ба масъалаи таҷдиду азнавсозии дигар иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба сокинони пойтахт эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Бо мақсади боз ҳам ободу зебо гардонидани кӯчаву хиёбонҳои шаҳр дар ҳудуди боғҳои фарҳангу фароғат ва шаҳраку маҳаллаҳо ба миқдори зиёд дарахту буттаҳо, гулҳои мавсимию бисёрсола ва дар масоҳати як миллион метри мураббаъ майдони майсазору чаманзор ташкил карда шудааст, ки аз нақшаи пешбинишуда бамаротиб зиёд мебошад.

Дар ин кори муҳим саҳми сокинони пойтахт низ хеле арзишманд мебошад, ки ба ҳамаи онҳо изҳори сипос намуда, хотирнишон месозам, ки ҳар як сокини шаҳр дар ободӣ ва тозаву озода нигоҳ доштани шаҳр бояд аз хонаву маҳалли зисти худ сар карда, минбаъд низ ҳиссагузор бошад.

Ободу зебо кардани пойтахт кори якрӯзаву дурӯза ё мавсимӣ нест, балки саъю кӯшиш ва муносибати ғамхоронаи доимиро талаб мекунад.

Илова бар ин, истифодаи оқилонаву самараноки иншооти фарҳангиву варзиш ва эҳтиёт кардани онҳо вазифаи ҳар як сокини шаҳр мебошад.

Танзими вазъи бозори истеъмолӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи шаҳрдорӣ ба ҳисоб рафта, барои муътадил нигоҳ доштани нархи маҳсулот пайваста тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Бо вуҷуди ин, сохтору мақомоти дахлдори ҳукумати шаҳри Душанберо зарур аст, ки ҷиҳати ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ ва ба сокинони пойтахт бо нархҳои дастрас таъмин намудани молу маҳсулоти ниёзи аввалия, ташкили ярмаркаҳои фурӯши маҳсулот ва барои зимистон ба миқдори зарурӣ захира кардани маҳсулот чораҳои доимӣ андешанд.

Дар баробари ин, корхонаҳои соҳаи савдои пойтахт ва Корхонаи воҳиди давлатии “Истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе” бояд дар арафаи ҷашну идҳои милливу давлатӣ якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, Агентии захираҳои моддии давлатӣ, Иттифоқи «Тоҷикматлубот» ва хоҷагиҳои деҳқонии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мунтазам ярмаркаи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ташкил карда, молу маҳсулоти ниёзи мардумро бо нархҳои нисбатан арзон пешкаши сокинони пойтахт гардонанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Имрӯз шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва маркази илму фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик боиси ифтихори хурду бузурги мамлакат мебошад ва ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ кардани он вазифаи на фақат мақомоти шаҳрдорӣ, балки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё, занон, ҷавонон, яъне ҳамаи сокинони пойтахт мебошад.

Бинобар ин, роҳбарону кормандони ҳамаи мақомоту сохторҳои давлативу ғайриҳукуматӣ, донишҷӯён ва ҳар як сокини шаҳри Душанбе дар хотир дошта бошанд, ки пойтахти мамлакат ҳамчун маркази бузурги маънавиёт, илму маърифат ва хизматрасонӣ бояд дорои шароити хуби инфрасохторӣ, биноҳои маъмуриву истиқоматии бо санъати баланди меъморӣ бунёдгардида, макони ободониву сабзкорӣ, тозагиву зебоӣ ва одоби баланди муошират бошад.

Эътимоди комил дорам, ки барои дар сатҳи баланди ташкиливу омодагӣ ва сазовор истиқбол гирифтани ҷашни бузургу муборакu миллиамон – сисолагии истиқлолияти давлатӣ дар тамоми гӯшаву канори шаҳри Душанбе корҳои ободониву созандагӣ вусъати бештар пайдо мекунанд.

Зеро мо имрӯз ҳар амали хайру savobe, ки анҷом медиҳем, барои пешрафти давлати миллиамон ва наслиояндаи худ мекунем, то ки онҳо низ дар пайравӣ ба мо корҳои созандаву ободонии Ватани худро идома бахшида, рисолати фарзандии хешро сарбаландона адо намоянд.

Ҳамчунин, итминон дорам, ки мардуми сарбаланду ватандӯсти шаҳри Душанбе, алалхусус, кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, аҳли зиё ва ҳар як фарди бонангу номуси пойтахт анъанаҳои неки бунёдкориву созандагии Ватани муқаддасамонро идома бахшида, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ барои пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ободонии пойтахти азизамон саъю кӯшиши худро дареғ намедоранд.

Барои амалӣ гардидани ҳадафу ормонҳои нек ба сокинони ватандӯсту заҳматқарин ва соҳибмаърифату соҳибфарҳанги пойтахти кишварамон ва ба хонадони ҳар яки шумо, ҳозирини арҷманд сулҳу оромӣ, хушбахтиву хушрӯзӣ, файзу баракат ва барору муваффақият орзу орзумандам.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

# Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд

**Дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия баъди анҷоми мулоқоту гуфтушунидҳо маросими имзои санадҳо баргузор шуд.**

Зери Изҳоротии муштараки Сарони давлатҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин имзо гузоштанд.

Дар ҳузури сарони давлатҳо 17 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, аз ҷумла:

— Созишномаи ҳамкории КВД "Ширкати Аллюминии тоҷик" ва Бонки ВТБ;

— Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Россия;

— Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории илмӣ байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Федератсияи Россия;

— Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Ҳукумати вилояти Нижегородск (Федератсияи Россия) дар бораи ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва гуманитарӣ;

— Ёддошти тафоҳум байни Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба назорат дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва беҳдошти инсон (Федератсияи Россия) оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

— Нақшаи чорабиниҳои муштараки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Федератсияи Россия барои соли 2019;

— Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия оид ба ташкили тартиби соддагардонишудаи амалиёти гумрукӣ ҳангоми интиқоли молҳо ва воситаҳои нақлиёт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ("долони соддаргардонидашудаи гумрукӣ");

— Протоколи байниидоравӣ дар бораи риояи талаботи фитосанитарӣ ҳангоми аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия ворид намудани маҳсулоти меваю сабзавоти аз лиҳози фитосанитарӣ муҳим;

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар Федератсияи Россия;

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, ки забони таҳсилашон русӣ мебошад;

— Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

— Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини маҳсулоти нафтӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2013;

- Созишнома байни Агентии назорати маводи нашъаоварӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ ва мусоидат кардан ба Агентии назорати маводи нашъаоварӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо;

— Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Федератсияи Россия;

— Ёддошти тафоҳуми байниҳукуматӣ дар бораи масъалаҳои таъмини амнияти биологӣ;

— Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия оид ба ҳамкории муштарак дар самти ошкор ва таҳқиқ намудани вазъи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ барои манфиатҳои қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар рафти амалиётҳои муштарак.

Баъди анҷоми маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ сарони ду давлат — Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин нишасти матбуотӣ ороста, аз натиҷаҳои мулоқоту гуфтушунидҳои дуҷониба изҳори қаноатмандӣ карданд.

# Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рӯи натиҷаҳои музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Россия

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**

Пеш аз ҳама, меҳоҳам бори дигар ба ҷониби Россия миннатдории самимиро барои даъват ҷиҳати анҷоми сафари расмӣ ба Федератсияи Россия изҳор дорам.

Муколамаи мунтазам дар сатҳи олӣ ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо масъалаҳои муҳим ва дурнамои шарикии стратегиамонро мавзӯи муҳокима кунем, балки дар бораи масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ муфассал мубодилаи афкор намоем.

Аз рӯи натиҷаҳои гуфтушунидҳои имрӯза ҳуҷҷатҳои муҳими дуҷониба ба имзо расиданд.

Зимни суҳбати созанда ва мавзӯӣ мо мавқеи наздик ё шабеҳро дар самти аксарияти мутлақи масъалаҳои калидӣ дар рӯзномаи дуҷониба ва байналмилалӣ тасдиқ намудем.

Ҳамкории иқтисодӣ соҳаи асосии шарикии мо мебошад.

Аз ин рӯ, ба масъалаҳои дорои хусусияти тиҷоратию иқтисодӣ ва ҳамкории сармоягузорӣ диққати махсус дода шуд.

Россия имрӯз яке аз шарикони асосии тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Соли гузашта гардиши мол миёни мамлакатҳои мо 9 фоиз афзоиш ёфта, аз 1 миллиард доллар гузашт.

Дар ин замина аҳамияти татбиқи самараноки минбаъдаи қарорҳои дар доираи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ андешидашуда зикр карда шуд.

Ҷониби Тоҷикистон муҳимияти татбиқи лоиҳаҳои ояндадори сармоягузориро дар бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон тасдиқ намуд.

Мо ба роҳандозии истеҳсоли муштарак дар соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ ва истихроҷи маъдан, инчунин дар соҳаи нақлиёт таваҷҷуҳ зоҳир намудем.

Имконияҳои бузурги ҳамкорӣ ҳамчунин дар самтҳои сӯзишворию энергетикӣ ва агросаноатии иқтисодиёти Тоҷикистон вуҷуд доранд.

Имрӯз мо ҳуҷҷатҳоро дар бораи тартиби содагардонидашудаи анҷом додани амалиёти гумрукӣ ҳангоми интиқоли маҳсулот ва воситаҳои нақлиёт миёни кишварҳоямон ва дар бораи тартиб ва меъёрҳои назорати фитосанитарӣ имзо намудем.

Ин ҳуҷҷатҳо асосҳои ҳуқуқии «долони сабз»-ро эҷод мекунанд.

Бо ин ҳама барои таъмини мутақобилаи маҳсулот, аз ҷумла сабзавот ва меваҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон ба бозорҳои бузурги Россия шароити мусоид фароҳам меояд.

Ҳамчунин зарурати зудтар ба итмом расонидани корҳои омодагӣ барои бунёди маркази яклухту тақсимотии маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон зикр карда шуд.

Ҷузъи дигари муҳими ҳамкории иқтисодии ду кишвар робитаҳои байниминтақавӣ мебошанд, ки ҷуғрофияи онҳо доимо вусъат меёбад.

Имрӯз тақрибан 80 минтақаи Россия бо Тоҷикистон робитаҳои мустақими тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва ғайра доранд.

Мо густариш ва таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар ин самтро зарур мешуморем.

Дар Тоҷикистон имрӯз иқтисодиёт устуворона рушд мекунад.

Суръати афзоиши меъёри миёнаи солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар 10 соли охир дар сатҳи 7 фоиз қарор дорад, ки ин нишондиҳандаи хуби макроиқтисодӣ мебошад.

Мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки дар даҳ соли оянда иқтисодиёти худро ба модели рушди саноативу кишоварзӣ табдил диҳем.

Ин барои рушди ҳамкории мутақобилан судманди ҷонибҳо дар сатҳи минтақаҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои мухталифи саноатӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Чун анъана, ҳарду ҷониб ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ афзалияти махсус доданд.

Он, пеш аз ҳама, ба танзими анбӯҳи муҳоҷират миёни кишварҳоямон, беҳтар намудани шароити иқомат ва кори муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва аъзои оилаҳои онҳо дар қаламрави Россия нигаронида шудааст.

Бо шарофати кӯшишҳои муштарак, мо дар ҳалли масъалаҳои мубрам дар ин соҳа ба таври назаррас пешрафт кардем.

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир шумораи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, ки ба Федератсияи Россия сафар мекунанд, тамоюли камшавӣ дорад.

Ҳамин тавр, соли гузашта бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ тақрибан 480 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ба Россия рафтаанд.

Ин шумора 50% камтар аз давраи авҷи ин раванд — солҳои аввали даҳсолаи равон аст, ки то 1 миллион муҳоҷири меҳнатии мо ба Федератсияи Россия рафтаанд.

Бо вуҷуди ин, дар ин самт ҳанӯз масъалаҳои кушода боқӣ мемонанд, ки таваҷҷуҳи моро тақозо доранд.

Мо роҳҳои густариши минбаъдаи ҳамкории дуҷонибаро дар соҳаи фарҳангиву гуманитарӣ, аз ҷумла тавассути илму маориф, фарҳанг ва сайёҳӣ муҳокима намудем.

Муносибатҳо дар ин соҳаҳо барои наздикшавии минбаъдаи халқҳоямон, таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни онҳо аҳамияти калон доранд.

Мо доир ба иштироки фаъолона ва пайвастаи намояндагони зиёиёни илмӣ ва эҷодии ду кишвар дар чорабиниҳои илмию фарҳангии якдигар сухан меронем.

Дар ин замина, меҳоҳам зикр намоям, ки фазои иттилоотии Россия дар тамоми гӯшаҳои Тоҷикистон дастрас аст, яъне он ҷузъи майдони иттилоотии мо мебошад.

Мавқеи таҳсилоти Россия ва забони русӣ дар мо таҳким меёбад.

Имрӯз, зиёда аз 20 ҳазор нафар ҷавони Тоҷикистон дар донишгоҳҳои Россия таҳсил мекунанд.

Дар Тоҷикистон Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, филиали донишгоҳҳои пешсафи Москва — Донишгоҳи давлатии Москва, МИСиС ва Институти энергетикӣ бомуваффақият фаъолият доранд.

Бо фармонҳои дахлдори Президент ва қарорҳои Ҳукумат омӯзиши ҳатмии забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аллакай аз синфи дуюм ва дар аксар муассисаҳои томактаби таълимӣ таҳсил ба забони русӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар 10 донишгоҳ факултаҳои филологияи рус ё шуъбаҳои ихтисоси забон ва адабиёти рус вуҷуд доранд.

Дар кишвар даҳҳо мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва садҳо синфҳои омӯзиши забони русӣ фаъолият мекунанд.

Дар робита ба ин, мо ба ҷониби Россия ҷиҳати омодагӣ ба суръатбахшии раванди сохтмони панҷ мактаби нави русӣ дар Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ менамоем.

Мо натиҷаҳои ҳамкории кишварҳоямонро дар самти муқовимат бар зидди таҳдидҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мусбат арзёбӣ мекунем.

Дар самти таъмини амният ҷонибҳо дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва қочоқи маводи мухаддир ҳамкории зич ба роҳ мондаанд.

Тоҷикистон ва Россия дар ин масъала иттифоқчиёни воқеӣ буда, мо ҷонибдори ҳамоҳангсозии минбаъдаи фаъолияти идораҳои салоҳиятдори давлатҳоямон дар ин соҳа мебошем.

Ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Тоҷикистону Россия бомаром рушд мекунад.

Мо ба ҷониби Россия барои мусоидати пайваста дар омодакунии кадрҳо ба Қувваҳои Мусаллаҳамон ва дар таҳкими ҳарбӣ-техникии иқтидори мудофиавии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ менамоем.

Дар чаҳорчӯби созишномаҳои бадастомада Барномаи навсозии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон татбиқ мешавад.

Мо ба татбиқи мунтазами минбаъдаи барномаи мазкур дар муҳлатҳо ва ҳаҷмҳои мувофиқашуда умед дорем.

Аз ҷониби Тоҷикистон барои фаъолияти босамари бузургтарин иншооти ҳарбии хориҷии Россия — пойгоҳи 201-ум тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд ва ба пойгоҳ нодири оптикӣ-электронии «Окно» муваффақона вазифаҳои худро иҷро мекунад.

Мо будубоши пойгоҳи ҳарбии 201-умро дар қаламрави Тоҷикистон яке аз омилҳои калидӣ барои таъмини дастаҷамъонаи амнияти минтақавӣ мешуморем.

Ҳангоми муҳокимаи масоили мубрами амнияти минтақавӣ мушкилоти Афғонистон низ дар мадди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирифт.

Воқеаҳои Афғонистон мустақиман ба сатҳи амнияти кишварамон ва дар маҷмӯъ минтақа таъсир мерасонанд.

Бояд зикр кард, ки 60 дарсади сарҳади Афғонистон бо собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба Тоҷикистон рост меояд.

Ин 1,400 километри марзи Тоҷикистону Афғонистон бо қитъаҳои душворфатҳ барои муҳофизат мебошад.

Қитъаи сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон дар самти таъмини амнияти марзҳои ҷанубии Иттиҳод дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Тоҷикистон дар роҳи паҳн гардидани таҳдидҳои амниятии аз ин самт бароянда пешоҳанг буда, дар муборизаи муассир бар зидди онҳо саҳми худро мегузорад.

Вақт нишон дод, ки мушкилоти ин кишвари барои мо ҳамсоя роҳи ҳалли ҳарбӣ надорад.

Тоҷикистон ҳавасманди суботу шукуфоии Афғонистон буда, ҷонибдори ҳалли мусолиматомези мушкилоти он мебошад.

Дар робита ба ин, мо ба талошҳои муштараки минбаъда оид ба мусоидат ба истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон тавассути роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ изҳори ҷонибдорӣ намудем.

Мо доир ба масъалаҳои дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкори муфассал намудем.

Мо бо Владимир Владимирович ба таҳкими ҳамгироиямон дар чаҳорчӯби СММ, САҲА, СҲШ, ИДМ, СААД ва дигар сохторҳои ҳамкории бисёрҷониба изҳори ҷонибдорӣ намудем.

Ҷониби Тоҷикистон аз натиҷаи музокироти имрӯза қаноатманд мебошад.

Бо истифода аз фурсат, бо камоли хушнудӣ аз муҳтарам Владимир Владимирович даъват ба амал овардам, ки дар вақти бароишон муносиб ба Тоҷикистон ташриф оранд.

Бори дигар ба Шумо, Владимир Владимирович, ва дар симои Шумо ба мардуми Россия барои истиқболи гарму самимӣ ва меҳмоннавозии анъанавӣ изҳори миннатдорӣ менамоям.

**Ташаккур.**

# Ислоҳи камбудиҳо

**Бо мақсади ошкор намудани пинҳонкориҳои андозӣ, огоҳонидани андозсупорандагон оид ба тартибу интизом ва маърифати андозсупорӣ, дар фаъолияти соҳибкорон муоинаи хронометражӣ гузаронида мешавад.**

Дар фаъолияти 117 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ давоми се моҳи соли 2019 муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд, -гуфт сардори шуъбаи санҷишҳои андозии Раёсати андози вилояти Хатлон Ватаншо Сафарзода. Мавсуф илова кард, ки пеш аз синҷиш даромади умумии андозсупорандагон 2479,35 ҳазор сомониро ташкил медод. Пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дақиқ шуд, ки даромади онҳо 4162,67 ҳазор сомонӣ мебошад, ки фарқият 1683,09 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Дар рафти муоина муайян гардид, ки соҳибкорон 41 нафар коргари кирояро бе шартномаи меҳнатӣ кор мефармоянд. В. Сафарзода изҳор дошт, ки аз фаъолияти 117 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ тахти муоина қарор гирифта, 19,9 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоӣ ва даромад, 23,2 ҳазор сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул, 28,3 дигар андозҳои иловагӣ ҳисоб шуданд. Фарқияти андозҳои ҳисобшуда ва пардохтгардида 18,4 ҳазор сомонӣ мебошад. Дар маҷмӯъ 68 адад пратаколи маъмурӣ тартиб дода шуд, ки маблағи он 203,05 ҳазор сомониро дар бар мегирад.



Дар робита ба гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутахассиси гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андози вилояти Хатлон Толиб Маҳмадалиев, гуфт, ки дар ин давра 14 муоинаи жронометражӣ дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, 12 адад дар ноҳияи Ёвон ва 10 адад дар шаҳри Бохтар гузаронида шуд. Таҳлилҳо дақиқ намуданд, ки баъзе андозсупорандагон дидаю дониста ба пинҳонкории андоз даст зада, андозҳои давлатро пурра пардохт намекунанд.

Т. Маҳмадалиев изҳор дошт, ки аз 117 муоинаи хронометражии гузаронидашуда, 9 адади он аз тарафи кормандони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон анҷом дода шуд, ки фарқияти маблағи ҳисобшуда 152,9 ҳазор сомонӣ мебошад. Фарқияти андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда 5,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар ноҳияи Қубодиён нисбати 6 соҳибкори инфиродӣ муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, 11 нафар коргари кироияи бе шартномаи меҳнатӣ фаъолияткунанда ошкор шуд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

## ҲАМКОРӢ



### Дар Чин Ёддошти тафоҳум «Оид ба Механизми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» ба имзо расид

18 апрели соли 2019 дар Ҷумҳурии Мардумии Чин нахустин Форуми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» баргузор гардид. Дар доираи Форуми мазкур Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода Ёддошт «Оид ба Механизми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ»-ро аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонид.

Дар Форум намояндагони мақомоти андоз – аъзои Механизми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз, дар маҷмӯъ намояндагони зиёда аз 65 давлат, мансабдорони воломақоми Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин, намояндагон аз Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), Хазинаи Байналмилаии Асъор, Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои илмӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ иштирок намуданд.

Механизм ба ташкили ҳамкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар самти андозбандӣ, танзими баҳсҳои андозӣ, мукаммалнамоии маъмурикунонӣ бо ёрии мубодилаи таҷрибаи мутақобилаи маъмурикунонии андоз ва шароити мусоид барои дурустии маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо, ҳамчунин мубориза дар самти рӯйпӯш намудани манбаи андозбандӣ ва фоидаи андозбандишаванда (нақшаи BEPS), амалигардонии мубодилаи автоматии маълумоти молиявӣ (AEOI) мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ равона карда шудааст.

# Андоз аз фоида

**Дар Раёсати андози вилояти Суғд бо иштироки андозсупорандагони шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд семинар-машварат баргузор гардид. Дар семинар-машварат масъалаҳои марбут ба пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида баррасӣ гардиданд.**



Аз рӯи маълумоти сардори шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд Давлатбек Сафолов аз 92 адад андозсупорандаи шӯъба 69 адад супорандаи андоз аз фоида мебошанд. Аз он ҷумла, 23 адад коргоҳи саноатӣ, 10 адад коргоҳи коркарди маҳсулоти ғалладонагиҳо, 8 адад ҷамъияти воридкунанда ва фурӯши сӯзишворӣ, 7 адад коргоҳу ҷамъиятҳои хизматрасонӣ, 5 адад бонк, 4 адад коргоҳи истихроҷкунандаи захираҳои табиӣ, 3 адад ҷамъияти ба хариду фурӯши молу маҳсулоти гуногун машғулбуда, 2 адад ҷамъияти сохтмонӣ ва 2 адад муассисаи таълимӣ.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 156 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон эъломияи андоз аз фоида бояд то санаи 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ пешниҳод шавад. Аз супорандагони андоз аз фоида дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд то ин дам 5 адад андозсупоранда эъломияи андози фоидаро пешниҳод накардаанд. Аз қабили ҶСП «Ресандаи Тоҷикистон», ҶДММ «Билол суюлин семент», ҶСП «Олим Текстайлз», ки ин коргоҳҳо айни ҳол фаъолият намекунанд. Коргоҳи дигар ҶДММ «Исо транс» бошад дар марҳалаи барҳамдиҳист.

Дар семинар-машварате, ки бо ибтикори шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд доир гардид, роҳбарон ва сармуҳосибони ҳамаи коргоҳу муассиса ва ҷамъиятҳое, ки супорандагони андози фоида мебошанд ширкат варзиданд. Мақсад аз ташкил намудани семинар-машварат ба андозсупорандагон фаҳмонидани тартиби дурусти ҳисобу пардохт ва пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида буд. Зеро тавре ки сардори шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд Давлатбек Сафолов қайд намуд, таҳлили эъломияҳои пешниҳодгардида барои соли 2018 дарак медиҳанд, ки баъзе андозсупорандагон то ҳол тартиби дурусти ҳисобу пардохт ва пешниҳоди эъломияи андоз аз фоидаро риоя намекунанд. Ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, ки дар натиҷа, ба ҷараёни воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз аз фоида таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар рафти семинар-машварат масъалаҳои марбут ба пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида баррасӣ гардиданд. Аз ҷониби мутахассисони шуъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд ва ҳам шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози вилояти Суғд тартиби дурусти ҳисобу пардохт ва пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида ба андозсупорандагон муфассал шарҳу тавзеҳ дода шуд. Ҳамзамон, андозсупорандагон ба саволҳои худ доир ба тарз ва тартиби дурусти пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида посух гирифтанд.

Шӯъбаи Нозироти андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд тасмим дорад, дар оянда низ бо иштироки супорандагони андоз аз фоида чунин семинар-машваратҳоро доир намояд, зеро он аз манфиат холӣ нест.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Андозаҳои ҷаримаи маъмурӣ

**Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, таъмини маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ҳифзи соҳаҳои иҷтимоии ҳар кишвар ба ҷамъоварии андозҳо робитаи мустақим дорад. Бинобар ин, саркашӣ аз пардохти андоз боиси иҷро нашудани буҷети давлатӣ ва содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи андоз мегардад.**

Сари вақт ва ба пурра иҷро намудани уҳдадории андоз, яке аз уҳдадориҳои конститутсионии ҳар як шахс ва шумор меравад. Вале бархе аз андозсупорандагон дидаву дониста аз пардохти андоз саркашӣ мекунанд. Бинобар ин, давлат дар симои мақомотҳои ваколатдор зарур мешуморад, баҳри таъмини иҷрои дахлдори уҳдадории супоридани андоз аз воситаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода намояд.

Мувофиқи моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист. Мафҳуми андоз дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки мувофиқи он андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад.

Тибқи муқаррароти моддаи 79 Кодекси андоз ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидаанд, мебошад

Мутаасифона, имрӯз андозсупорандагоне ба чашм мерасанд, ки ба ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи андоз даст мезананд ва мақомоти андоз барои пешгирӣ аз ҳолатҳои зикршуда нисбати онҳо бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ, протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, дар ин асос онҳоро ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашад. Бештари ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда аз тарафи андозсупорандагон, ин саркашӣ аз пардохтани андоз, кам нишон додани маблағи андоз, риоя накардани қоидаҳои вобаста ба пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, риоя накардани тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт пардохт накардани андози иҷтимоӣ ва беасос рад ё саркашӣ кардан аз пардохти андози иҷтимоӣ мебошад. Қонуншиканҳои мазкур дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок нишон дода шуда, нисбати онҳо ҷазои маъмурӣ пешбини шудааст.

Дар миёни қонунвайронкуниҳои ишорашуда, мавқе асосиро саркашӣ аз пардохти андоз ташкил медиҳад, ки он нисбатан маъмул буда, гурӯҳи хавфноктарини ҳуқуқвайронкунии бахши андозбандӣ мебошад. Хавфнокии ҷамъиятии саркашӣ аз пардохти андоз натанҳо дар ҷодаи ба буҷет дохил нагардидани маблағҳои зарурӣ ва афзоиши камомади буҷет, балки дар вайрон гардидани асоси иқтисодиёти рақобатнок ифода меёбад.



Содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асоси ба миён омадани ҷазои маъмурӣ мегардад. Ҷазои маъмурӣ чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мешавад. Ҷазои маъмурӣ бо мақсади дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар татбиқ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ҷазои маъмурӣ наметавонад бо мақсади таҳқири шаъну эътибори шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, расонидани ранҷу озори ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, тарсонидан, ҳама гуна табъиз ё таҳқири шаъну эътибори инсонии шахси воқеӣ ё расонидани зарар ба шуҳрату эътибори шахси ҳуқуқии содирнамудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ истифода гардад.

Ҷазои маъмурӣ намудҳои гуногун дорад. Аз қабили, огоҳӣ, ҷаримаи маъмурӣ, боздошти маъмурии амали иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият, маҳрум кардан аз иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият ва ҳабси маъмурӣ.

Яке аз намуди ҷазои маъмурӣ, ки бештар дар ҳуқуқвайронкуниҳои ба андоз алоқаманд нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мегардад, ин ҷаримаи маъмурӣ мебошад. Ҷаримаи маъмурӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкунии соҳаи андоз намуди ҷазои маъмурӣ буда, ба тарзи ситонидани пул ба фоидаи давлат сурат мегирад ва аз тарафи кормандони ваколатдори мақомоти андоз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъин карда мешавад.

Андозаи ҷаримаи маъмурӣ дар ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи андоз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дар баъзе ҳуқуқвайронкуниҳо аз рӯи фоиз муайян мешавад. Тибқи муқаррароти қисми 3 ва 4 моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ андозаи ҳадди ақалли ҷаримаи маъмурӣ, аз шахси воқеӣ ва соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, ситонида мешавад, набояд аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо, шахси мансабдор аз се нишондиҳанда барои ҳисобҳо, соҳибкори инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамояд ва аз шахси ҳуқуқӣ аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам бошад. Андозаи ҳадди ниҳоии ҷаримаи маъмурӣ аз шахси воқеӣ ва соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, набояд аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз шахси мансабдор аз дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, соҳибкори инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамояд, аз сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва аз шахси ҳуқуқӣ аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё аз дусад фоизи маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии пардохтнашуда зиёд бошад, агар қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ андозаи дигареро муқаррар накарда бошад.

Пеш аз татбиқи ҷаримаи маъмурӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда бояд таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян шавад. Ҳамчунин, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷазо, ҳолатҳои истиснокунандаи ҷавобгарӣ ва дигар ҳолатҳои барои парванда аҳмиятдошта бояд ба инобати гирифта шавад. Дар моддаи 80 Кодекси андоз ҳолатҳои истиснокунандаи ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз нишон дода шудааст, ки тибқи он ҳуқуқвайронкунандаро ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидан мумкин нест агар:

- аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) иҷро намудани тавзеҳоти хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз;
- аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) мустақилона бартараф шудани ҳуқуқвайронкунии андоз то лаҳзаи нисбат ба вай татбиқ намудани шаклҳои назорати андоз, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст.

Ҳамчунин, мутобиқи қисми 2 ҳамин модда агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, ҳангоми мавҷуд будани ҳадди ақал яке аз ҳолатҳои зерин шахсро ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидан мумкин нест:

- мавҷуд набудани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии андоз;
- мавҷуд набудани гуноҳи шахс дар содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз;
- аз ҷониби шахси воқеие, ки дар лаҳзаи содир гардидани кирдор ба синни 16-солагӣ нарасидааст, содир намудани кирдоре, ки дар он нишонаҳои ҳуқуқвайронкунии андоз мавҷуданд;
- гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз.

Аз ин лиҳоз, субъектҳои ваколатдоре, ки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андозро баррасӣ мекунанд, уҳдадоранд ҳамаи муқаррароти муайяннамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкуни маъмурӣ ва Кодекси андозро ба инобат гиранд.

Бояд гуфт, ки ҷавобгар ҳуқуқ дорад аз болои қарори ҳуқуквайронкунии маъмурӣ ба суд ва ё мақомоти болоие, ки парвандаро баррасӣ намудааст, дар мӯҳлати муайянгардида шикоят кунад. Шикояти ӯ бо тартиби муқарраршуда баррасӣ гардида, аз натиҷааш санади дахлдор бароварда мешавад.

Дар баробари ин, барои вайрон намудани қонунгузории андоз нисбати ҳуқуқвайронкунанда тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ низ муқаррар шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 292 Кодекси ҷиноятӣ дар сурати саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё декларатсияи андоз дохил намудани таҳсилоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани дигари объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст ва моддаи 293 Кодекси ҷиноятӣ саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз бо роҳи пешниҳод накардани декларатсия оид ба даромад, дар ҳолате, ки пешниҳоди декларатсия ҳатмӣ мебошад ё ба декларатсия дидаю дониста дохил кардани таҳсилоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот, ки боиси ба миқдори калон пардохт накардани андоз гаштааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини гардида, тибқи он нисбати ҳуқуқвайронкунанда ҷазо дар намуди ҷарима, корҳои ислоҳӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мегардад.

Нисбати ҳуқуқвайронкунанда танҳо дар он ҳолате ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд, ки маблағи зарари расонидашуда ба миқдори калон ва махсусан калон бошад. Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар ҳаҷми андоз ё пардохтҳои пардохтшуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Аз тамоми андозсупорандагон даъват ба амал оварда, ки ҳама муқаррароти қонунгузории соҳаи андозро риоя намоянд, то ин ки боиси ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ нагарданд.

**Ҷавшан ТУРАЗОДА,**
**мутахассиси Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Неъматулло ЗОИРЗОДА,**
**“Боҷу хироҷ”**

# Натиҷаи амалиёти назоратӣ



**Дар ҷараёни сафарҳои хизматӣ рӯзноманигоронро зарур меояд, ки бо соҳибкорону андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз атрофи масъалаҳои рӯз ҳамсуҳбат гарданд. Дар рафти суҳбату вохӯриҳо соҳибкорон гоҳо шиква мекунанд, ки гӯё даромади бадастовардаи онҳо сарфи андозу дигар хароҷоти расмӣ мегарданд ва барои худашон маблағ боқӣ намемонад. Баъзеҳо барои пӯшондани камбудиҳои дар фаъолияташон ҷойдошта одамони дигарро гунаҳкор мекунанду сиёҳро сафед мегӯянд.**

Соҳибкори инфиродӣ Миралӣ Бобоҷонов муддати чанд сол аст, ки дар шаҳри Ҳисор мағозаеро дар ҳаҷми 123,2 метри мураббаъ аз шаҳрванд С. Ноирова ба иҷора гирифта, ба хариду фурӯши хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум машғул аст. Қаблан, 28 октябри соли 2016, бинобар сабаби ба нозироти андоз даъво пеш овардан дар фаъолияти ӯ муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, даромади умумиаш дар нуқтаи мазкур ба ҳисоби миёна дар як моҳ 48055 сомонӣ муайян карда шуд. Ҳамин тавр соҳибкор М. Бобоҷонов дар давраи таҳти муоинаи хронометражӣ қарордошта даромади ҳармоҳаи худро дар эъломияҳои андоз ба ҳисоби миёна 48055 сомонӣ нишон додааст, ки ин ба ҳар рӯзи корӣ 1602,8 сомонӣ рост меояд.

Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор ҳангоми фаъолияти мағозаи мазкурро мавриди таҳлил қарор додан муайян намуданд, ки манбаи андози нуқтаи мазкур бо хароҷоти моҳонаи он мутобиқат намекунад. Чуноне ки худи соҳибкор иброз менамояд, агар аз маблағи номбурда хароҷоти мавҷударо тарҳ намоем, барои соҳибкор чизе боқӣ намемонад. Зеро, мутобиқи ҳисоботи пешниҳодгардида, дар мағоза ба ҷуз худи соҳибкор боз се нафар коргари кироя кор мекунанд, ки музди меҳнати онҳо моҳе на камтар аз 7-8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ба ҷуз ин, мағоза боз хароҷоти дигаре низ дорад, ки барои пӯшондани онҳо маблағи кофӣ зарур аст.

Дар моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки муоинаи хронометражӣ - шакли назоратии андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, анҷом дода мешавад. Ҳамчунин таъкид шудааст, ки дар ҷараёни гузаронидани муоинаи хронометражӣ мақомоти андоз масъалаҳои вобаста ба муоинаи объекти андозбандӣ ва ё объекти ба андозбандӣ алоқамандро мустақилона муайян менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба тариқи мушаххас муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани сирри пинҳон намудани маблағҳои андоз мебошад.

Маҳз бо мақсади дақиқ муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашудаи он, нозироти андоз қарор дод, ки дар фаъолияти соҳибкор М. Бобоҷонов муоинаи хронометражӣ гузаронад.

Соҳибкор баробари ба мағоза ташриф овардани нозирони андоз хост, ки садди роҳашон гардад, вале чун ба талаботи қонун огоҳ гардид, ноилоҷ барои гузаронидани муоинаи хронометражӣ розӣ шуд.

Дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ маблағи савдои соҳибкор М. Бобоҷонов дар рӯзи аввал 6414,8 сомонӣ, дар рӯзи дувум 7979, 5 сомонӣ ва дар рӯзи сеюми муоина 1773,5 сомонӣ муайян карда шуд. Маълум гардид, ки савдои мағозаи номбурда дар як моҳ на 48055 сомонӣ, балки 150918,6 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба давраи пеш аз муоинаи хронометражӣ 102863 сомонӣ зиёд мебошад. Тибқи хулосаи муоинаи хронометражӣ муайян шуд, ки соҳибкор аз манбаи пардохт, ки 150918,6 сомониро ташкил медиҳад, моҳе ба беҷет бояд 10564,3 сомонӣ андоз пардохт намояд.

Шояд соҳибкор М. Бобоҷонов аз даъвои беасоси худ, ки боиси ошкор шудани пинҳонкуниҳои маблағи андоз гардидааст, сахт пушаймон бошад. Охир дар урфият беҳуда нагуфтаанд, ки «худкардаро даво нест». Боварӣ дорем, ки пас аз ин мавсуф аз пинҳон намудани андозҳои қонуниаш худдорӣ менамояд.

Аз ҷониби кормандони мақомоти андоз гузаронида шудани амалиётҳои назоратӣ борҳо нишон додаанд, ки агар баъзе андозсупорандагон тасодуфан ба хато роҳ дода, боиси вайрон намудани талаботи қонуну гарданд, аксарияти онҳо бо мақсади ба даст овардани даромади муфт дидаю дониста ба қонунвайронкунӣ даст мезананд ва бо ин амали номатлуби хеш номи худро доғдор месозанд. Маҳз барои гирифтани пеши роҳи чунин қонунвайронкуниҳо ва муайян намудани манбаи аслии даромади воқеии соҳибкорон мақомоти андоз зарур мешуморад, ки дар фаъолияти андозсупоранда муоинаи хронометражӣ анҷом диҳад. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ масъалаҳое мавриди муоина қарор меёбанд, ки бевосита ба фаъолияти рӯзмарраи андозсупоранда вобаста буда, даромади ҳаррӯзаи ӯро мушаххас муайян менамоянд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор Шамсулло Султонов гуфт, соли 2018 фаъолияти 45 нафар соҳибкорони инфиродӣ мавриди муоинаи хронометражӣ қарор гирифта, беш аз 750209 сомонӣ пинҳонкунии маблағҳои андоз ошкор шудааст, ки ин аз сатҳи пасти масъулиятшиносӣ ва донишҳои ҳуқуқии андосупорандагон шаҳодат медиҳад.

Масоҳати объекти андозбандишаванда ва шумораи зиёди мизоҷони ошхонаи хӯрокҳои миллии андозсупоранда Насриддин Шарофзода диққати кормандони нозироти андозро ба худ кашида, онҳо маблағи андози тибқи ҳисобот пешниҳодкардаи ӯро дар манбаи пардохт мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор доданд. Зеро соҳибкор Н. Шарофзода даромади умумии миёнаи худро дар ҳисобот дар як моҳ 12595 сомонӣ нишон дода, тибқи он андозҳои вобасташударо пардохт менамуд. Вале дар суҳбату вохӯриҳо бо кормандони андозу шиносҳояш ҳамеша аз хусуси вазнинии андоз шикоят мекард. Ниҳоят, кормандони андоз ба қароре омаданд, ки дар фаъолияти андозсупоранда Н. Шарофзода муоинаи хронометражӣ гузаронида, манбаи андозбандишавандаи ӯро мушаххас муайян намоянд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи коргарони кирояи воқеан истифодашаванда ба ҳисоб гирифта шуда, муайян карда шуд, ки даромади умумии андозсупоранда пас аз муоинаи хронометражӣ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 20790 сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз ҳисоботи қаблан пешниҳоднамудаи соҳибкор 8195 сомонӣ зиёд аст. Ҳамчунин дар ҷараёни санҷиши хронометражӣ сирри пинҳонии соҳибкор Н.Шарофзода дар хусуси дар ҳисоботи андозии худ нишон надодани як нафар коргари кироя ошкор гардид, ки ин амали ӯ мутобиқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои сазовор гирифт.

Мақоле ҳаст, ки «Офтобро бо доман пӯшонда намешавад». Соҳибкори инфиродӣ Фарҳод Саидов, ки ба истеҳсол ва фурӯши хӯрокҳои миллӣ машғул буд, бо мақсади обро лой намуда моҳӣ доштан ба нозироти андоз дар хусуси суст будани савдо дар нуқтаи хӯроки умумии дар ихтиёрдоштааш ва зиёд будани маблағҳои андоз шикоят кард. Ӯ барои исботи даъвояш дар ҳисоботи ба нозироти андоз пешниҳоднамудааш маълумоти мошини назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва Дафтари сабти маблағҳои нақдиро таҳрифкорона сабт намуд.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Ф. Саидов муайян намуд, ки қаблан ӯ дар ҳисобот даромади умумии хешро дар як моҳ 8505 сомонӣ нишон додааст, ки даромади умумии ӯ дар як рӯз ба ҳисоби миёна 303 сомониро ташкил медиҳад. Ба ҷуз ин, соҳибкор Ф. Саидов дар фаъолияти худ шаш нафар коргари кирояро ба кор ҷалб намудааст, ки ҳар моҳ ба ҳар кадоми онҳо на камтар аз 800 – 1000 сомонӣ музди меҳнат медиҳад.

Надоштани дониши хуби иқтисодӣ дар фаъолияти кас на танҳо мушкилиҳо эҷод мекунад, балки касро дар ҳар қадам пешпо низ медиҳад. Ф. Саидовро маҳз дониши пасти иқтисодиаш фиреб дод, зеро ҳангоми пешниҳоди ҳисобот ӯ ҳисоб кардани хароҷоти ҳармоҳаашро фаромӯш намуд. Ба гӯшаи хотираш ҳам наовард, ки рӯзе ҳамаи ин сохтакориҳо мавриди ҳисобу китоби кормандони андоз қарор меёбаду сирри ӯ фош мешавад. Ҳамин буд, ки ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқи нишондоди МНХ маблағи савдои якмоҳаи ӯ 15660 сомонӣ муайян карда шуд. Маблағи дар рафти муоинаи хронометражӣ муқарраргардида нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисоботи хеш нишондодаи Ф. Саидов 7155 сомонӣ зиёд буд. Аз ин нуқтаи назар муқаррар шуд, ки соҳибкор бояд ҳар моҳ аз фоидаи хеш ба маблағи 2691 сомонӣ андоз пардохт намояд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Ҳолати интиқоли маълумоти НФС-ҳо ба Кумитаи андоз

**Ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад. Бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон мақомоти андоз бештар аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ истифода карда, барои дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо чораҳои иловагӣ андешида истодаанд.**

Ин аст, ки ҳамаи хизматрасониҳои мақомоти андоз давра ба давра тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда истодааст. Аз ҷумла, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам овардааст, ки андозсупорандагон ба мақомоти андоз ташриф наоварда, эъломияҳои андози худро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Маълумоти пешниҳодгардида дар доираи барномаҳои системаи итилоотии Кумитаи андоз коркард шуда, фаъолияти ҳар як андозсупоранда аз рӯи соҳаи фаъолият, бо дарназардошти критерияҳои муайянкунандаи хавфи андозҳо баҳогузорӣ мешавад.

Ҳамчунин, бо мақсади беҳтар намудани назорат дар фаъолияти субъектҳое, ки ба воридот ва таҳвили минбаъдаи сӯзишворӣ машғуланд, таъмини фаъолияти шаффоф дар ин самт, аз 01.03.2018 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои электронии онҳо” №82 қабул шудааст.

Гуфта мешавад, ки мақсади қоидаҳои мазкур аз таъмини фаъолияти шаффоф дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, инчунин, хизматрасонии электронии пешниҳоди ҳисобот, ҷамъоварии маълумот ва таҳияи дурнамо иборат аст.

Тавре дар банди дуюми қарори мазкур таъкид шудааст, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ дар нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои захираҳои маҳсулоти нафту газ танҳо бо шарти таъмин шудани нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти (колонкаҳои) ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои давлатӣ бо мавҷуд будани низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ дар шакли “онлайн”, ки тибқи барномаи аз тарафи субъекти интихобшуда дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, иҷозат дода мешавад.

Гузариш ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми элтронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ барои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғуланд, бояд аз 1–уми июли соли 2018 амалӣ мешуд, аммо бо сабабҳои номаълум он амалӣ нагашт. Ин буд, ки мӯҳлати қарори мазкур ҷиҳати насби нуқтаҳои автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёти нафту газ то 1-уми сентябри соли 2018 дароз карда шуд. Вале он ҳам ба таври назаррас амалӣ нагардид. Ин дар ҳолест, ки мақомоти андоз пайваста бо роҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ мӯҳтавои қарори мазкурро ба самъи андозсупорандагон мерасонд.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода, бо такя ба махзани маълумоти Кумитаи андоз қайд намуд, воридоти қочоқи моводи сӯзишворӣ дар самти фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ (НФС) нисбат ба дигар самти фаъолият бештар ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, мақсади қоидаҳои мазкур таъмини фаъолияти шаффоф дар ҷараёни муомилоти маҳсулот, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳое, ки ба фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, иборат аст.




Ба гуфтаи ӯ, ҳанӯз чанд сол пеш ин таҷрибаро Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ карда, системаи баҳисобгирии электронии маҳсулоти нафтиро ҷорӣ намуда буд. Россия ва Озорбойҷон низ аз ин система истифода мекунанд ва пеш аз он ки Тоҷикистон ба ин система гузарад, таҷрибаи кишварҳои номбурдаро омӯхта, мавриди амал қарор додааст.

Тавре Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, то имрӯз аз 1055 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ (НФС) танҳо 573 адади он бо барнома пайваст шуда, маълумоти онҳо ба махзани маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол меёбад. Ба гуфтаи ӯ, насби ин система бояд он шубҳаҳоеро, ки дар рафти фаъолияти НФС-ҳо ба амал меояд, аз байн барад. Бояд адолати андозбандӣ нисбати фаъолияти пурраи соҳибкорӣ риоя шавад.

Ҳангоми қабули қарори мазкур Кумитаи андоз тасмим гирифта буд, ки корҳои назоратиро дар ин соҳа кам намояд, аммо тавре мушоҳида шуд, баъзе андозсупорандагон ба қонунвайронкуниҳо даст заданд, ки ин амал ба қисми даромади буҷет таъсири манфӣ расонд. Дар қисмати воридот, фурӯш ва бақияи маҳсулот фарқият дида мешавад ва фурӯши сӯзишворӣ нисбат ба воридот зиёд мебошад, ки эҳтимоли ҷой доштани сузишворӣ тариқи қочоқро нишон медиҳад. Мувофиқи таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз, камбудиҳое, ки қаблан дар ҷаласаҳо ва семинар-машваратҳои мақомоти андоз аз онҳо сухан рафта буд, баръакс рӯз аз рӯз такрор ёфта истодааст. Ин камбудиҳо, пеш аз ҳама, дар пурра ва дуруст нишон надодани даромади воқеӣ дар эъломияҳо, кам нишон додани шумораи коргарон ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст истифода накардани ҳисобнома-фактура зоҳир шудаанд.

Ба андешаи М. Давлатзода сабаби асосии сари вақт насб нашудани НФС бо барномаи автоматикунонии ҶДММ “Фароз-пардохт”, пеш аз ҳама, ин ба талабот ҷавобгӯй набудани НФС ва фарсуда шудани колонкаҳои НФС ва монеъ шудани кормандони масъули НФС оид ба насб намудани колонкаҳо бо барномаи автоматикунонии ҶДММ “Фароз-пардохт” мебошад.

Тибқи қарори мазкур дар нуқтаи автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ бояд аломат бо зикри номи нуқта дар ҷои ба чашм аён, лавҳаҳои маълумот, нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо, телефонҳои боварии маъмурият ва иттилоот дар бораи маҳалли ҷойгиришавии нуқтаи мазкур гузошта шаванд. Инчунин, дар даромадгоҳи он лавҳа бо насаб ва номи оператор, навъҳои сӯзишворӣ ва нархи он бояд овехта шавад.

Ёдрас бояд шуд, ки ба сифати корманд дар нуқтаи автоматии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулот танҳо шахсоне ба кор қабул карда мешаванд, ки синни онҳо ба 18 расидааст ва бояд бо либоси махсус фаъолият намуда, қоидаҳои бехатарии сӯхтор, экологӣ, саноатӣ, раванди фаъолияти дастгоҳҳо ва механизмҳои кории ҷудогонаи нуқтаи мазкурро донад ва қатъан риоя намояд.

Тибқи банди 5 қарори мазкур ҶДММ «Фароз-пардохт» ширкати дар амал татбиқкунанда ба ҳисоб меравад. Пеш аз он, ки ин системаро ба кор андозанд, намояндагони ширкат НФС-ҳои кишварро аз нав ба ҳисоб гирифтанд. Маълум шуд, ки колонкаҳои баъзе НФС-ҳо барои насби ин система мувофиқ нестанд. Аз ин рӯ, ширкат ба хулосае омад, ки системаи умумии идоракуниро таъсис дода, ба колонкаҳое, ки дар онҳо имконияти насби системаи баҳисобгирии электронӣ мавҷуд нест, ба воситаи системаи умумиидоракунӣ насби он имконпазир гардад.

**Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои насб ва мавриди истифода қарор додани барномаи мазкур саҳм гузоранд. Инчунин, кормандони мақомоти андоз вазифадоранд, ки баҳри дуруст ва мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолият, ислоҳ ва пешгирӣ намудани камбудиҳо дар фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сузишворӣ мусоидат намоянд ва дар якҷоягӣ бо ҶДММ “Фароз-пардохт барои дар амал татбиқ кардани қарори мазкур чораҷӯӣ намоянд.**

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Почти миллиард. Глава Xiaomi пожертвует рекордную сумму



**Сооснователь китайской Xiaomi Лэй Цзюнь, получивший бонус «за преданность компании» в размере 636 миллионов акций, пожертвует всю сумму на благотворительность.**

Общая стоимость полученного им пакета ценных бумаг оценивается в 962 миллиона долларов, передает ВВС. Лэй Цзюнь пообещал, что на благотворительность пойдет вся сумма после выплаты налогов.

В 2018 году сумма чистой прибыли Xiaomi составила 1,3 миллиарда долларов. Помимо впечатляющего бонуса, Лэй Цзюнь также получает регулярную зарплату и дивиденды по принадлежащим ему акциям.

**Источник: https://rg.ru**

# НФС ва барномаи автоматикунонӣ

**Рӯзи 2 феврали соли 2019 тибқи нақшаи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Раёсати андози вилояти Суғд ҷаласаи корӣ бо иштироки муовини Раиси Кумитаи андоз Бахтиёр Султон ва ширкатҳои воридкунанда ва фурӯши маводи сӯзишворӣ машғулбуда доир гардида буд. Мутобиқи протоколи ҷаласаи кории мазкур ба мақомоти андоз супориш дода шуда буд, ки оид ба нуқтаҳои фурӯши сӯзишворие, ки иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 01.03.2018, №82 таъмин ва риоя намекунанд, чораҳои қатъӣ андешида, фаъолияти ин гуна нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ пурра қатъ гардонида шаванд.**



Дар робита ба иҷрои протоколи ҷаласаи корӣ аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба ширкатҳои фурӯши маводи сӯзишворӣ ва нуқтаҳои фурӯш огоҳиномаҳо оид ба таҷҳизоти интиқоли сӯзишворӣ (колонка), ки ба Барномаи автоматикунонии электронӣ пайваст нестанд, то санаи 16 феврали соли 2019 барои таҷзия, яъне демонтаж кардан ва ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018 мутобиқ намудан, ирсол карда шуд. Бо дарназардошти ин, дар Раёсати андози вилояти Суғд бо намояндагони ҶДММ «Фароз-пардохт» гурӯҳи кории амалиётӣ таъсис дода шуд, ки дар қаламрави вилоят нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъро таҳти омӯзиш қарор доданд. Дар натиҷаи омӯзиш маълум гардид, ки то ҳол дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Исфара, Конибодом, Мастчоҳ, Ашт ва Бобоҷон Ғафуров талаботи протоколи ҷаласаи корӣ ва огоҳиномаҳои дастрасшуда иҷро нашудааст. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти ҶДММ «Фароз-пардохт» ба ҳолати 19 феврали соли 2019 доир ба ҷараёни пайвастшавии нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ ба Барномаи автоматикунонӣ дар вилояти Суғд дар 378 адад нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ пайвастшавӣ ба итмом расида, ҳамзамон дар баъзе шаҳру ноҳияҳо камбудиҳо дар самти риояи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018 ошкор шудааст.

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2019 «Оид ба назорати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №82» аз ҷониби гурӯҳи санҷиши амалиётӣ, назорати фаврӣ оид ба қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд вобаста шуда, аз 22.02.2019 дар минтақаҳои зикршуда оид ба назорати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корбарӣ намуданд. Бино ба маълумоти мутахассиси пешбари ҳамин шуъба Манучеҳр Бозоров дар натиҷаи андешидани чораҳо ва корбарӣ аз 31 ҷамъият, ки аз 39 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ иборат буд, то санаи 29 марти соли равон 12 адад колонка таҷзия шуданд. Дар ин давра баъзе андозсупорандагони дигар худ ба ҶДММ «Фароз пардохт» оид ба насб намудани плата муроҷиат намуда, ба Барномаи автоматикунонии электронӣ пайваст карда шуданд, ки дар маҷмӯъ, 10 адад колонкаро ташкил медиҳад. Аз он ҷумла, дар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Хоҷӣ Урмон», «Октан сервис», «МРИИ Абдухолиқ», «Фалак», «Фирдавси Абдухолиқ», «Хушбахт», «МХ Абӯалӣ».

Дар як вақт ҷамъиятҳое, ки нисбаташон барои риоя накардани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №82 мавод тартиб дода шуданд, ба нозироти андози маҳалли ҷойгиршавии онҳо барои корбарӣ ва назорати доимӣ маълумот ва мактуб ирсол шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо дар асоси маълумоти барномаи «Баҳисобгирии андозҳо» дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон муайян гардид, ки маълумоти интиқоли сӯзишвориҳо пурра ё қисман ба махзани маълумоти Кумитаи андоз интиқол намегардад. Оид ба ин ҳолат аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар фаъолияти ин нуқтаҳои фурӯш корҳои назоратӣ анҷом дода, дар натиҷа муайян гардид, ки бо сабабҳои техникӣ ё дигар ҳолатҳои номаълум умуман маълумот ба махзани Кумитаи андоз интиқол наёфта истодаанд. Масалан, дар ҶДММ «Фурӯзон», «Сафарҷон 2017», «Кенагаз 95», «Хусрав 1992», «Премиум 11/10», «Сорбон», «Марғидар 1», «Довудшоҳ О», «Адрасмон», «Шуҳрат 2013», «ТСН Ғулакандоз», «Ҷонӣ», «Мирҷаҳон».

**Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо истифода аз ваколатҳо ва маълумоти дастрас кӯшиш менамояд, ки риояи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №82-ро пайваста таҳти назорати доимӣ қарор диҳад.**

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ошкор намудани пинҳонкориҳои андозӣ дар фаъолияти андозсупорандагон корҳои назоратиро ба роҳ мондааст. Дар вилояти Хатлон давоми се моҳи соли 2019 нисбати 1737 андозсупоранда санҷишҳои амалиётӣ гузаронида шуд, ки маблағи умумии ҷаримаҳои маъмурӣ 336,15 ҳазор сомонӣ мебошад.**

# Тадбирҳо

## баҳри ошкорсозии камбудиҳо

Мутахассиси пешбари гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андози вилояти Хатлон Исмоил Салимов, гуфт, ки дар ин давра фаъолияти 205 шахси ҳуқуқӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд, ки 45 адади он аз тарафи Раёсати андоз дар вилояти Хатлон гузаронида шуданд. Инчунин, фаъолияти 1209 соҳибкори инфиродӣ мавриди санҷиш қарор гирифт. Зимни санҷишҳои амалиётӣ 282 нафар соҳибкори бекайд ошкор гардид. Дар ин раванд 262 нафар бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардиданд.

Сардори шуъбаи санҷишҳои андоз дар Раёсати андози вилояти Хатлон Ватаншо Сафарзода, изҳор дошт, ки яке аз мушкилиҳо дар фаъолияти андозсупорандагон ин шартнома набастани корфармо бо коргари кироя мебошад. Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳарчанд корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад, вале ҳамоно дар самти бастани шартнома ва ба тартиб даровардани ҳуҷҷатҳо дар робита ба коргарони кироя беэътиноӣ зоҳир менамоянд. Мудом таъкид мекунем, ки аксарияти нофаҳмиҳо миёни коргару корфармо дар мавриди набудани шартномаи дутарафа сар мезананд. Чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар шаҳрвандонро зарур аст, ки пеш аз кор ба бастани шартномаи меҳнатӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд. Санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти соҳибкорон 79 нафар коргари кирояи бе шартномаи меҳнатиро ошкор намуд. Ин тасдиқкунандаи гуфтаҳои болост. Ғайр аз ин, молу мулки ба иҷора додашуда ошкор шуд, ки дар нозироти андоз ба қайд гузошта нашуда, бе шартнома ва насупоридани андоз фаъолият мекунанд. Дар давоми се моҳ муайян гардид, ки 78 молу мулкро бе шартнома ва гузоштан дар қайди нозироти андоз ба иҷора додаанд.

Гуфта шуд, ки дар раванди санҷиши амалиётӣ 10 шахси ҳуқуқӣ ва 11 соҳибкори инфиродӣ бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин карда шуданд. 3 нуқтаи бе тамғаҳои аксизӣ фаъолияткунанда ошкор гардид. Инчунин молҳои бетамғаҳои аксизӣ ё бо тамғаи қалбакӣ содиршуда низ муайян карда шуд.

Исмоил Салимов иброз намуд, ки дар ин давра 199 протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, дар натиҷа, маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 336,15 ҳазор сомониро ташкил дод.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**



# Зуҳуроти НОМАТЛУБ

**Дар Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд мулоқоти намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд ва Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд бо кормандони ин ниҳод баргузор гардид.**

Тавре аз дафтари матбуотии раиси шаҳри Хуҷанд иттилоъ доданд, сараввал намояндаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд Ҳотам Маҳмудов қайд кард, ки мулоқоти мазкур ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” сурат гирифта, ҳадаф аз баргузории он пешгирӣ намудан аз зуҳуроти номатлуби ҷомеа, аз қабили амалҳои коррупсионӣ, суйистифода аз вазифа, гирифтани пора, қабули қарори хусусияти коррупсионидошта мебошад.



Қайд карда шуд, ки ҷиноятҳои хислати коррупсионидошта дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир, аз қабили терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир асосҳои давлатдориро заиф намуда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегарданд. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани хатари коррупсия дар ҷомеа имрӯз ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Корманди шуъбаи пешгирии коррупсияи Раёсати агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд Васлибек Нарзизода вобаста ба омилҳои сар задани коррупсия, сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда, дарки зарару оқибатҳои ногувори ин зуҳуроти нангин ва масъалаҳои иҷрои талаботи қонуну санадҳои зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла мақсаду мароми “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” дар назди иштирокдорони ҷаласа суханронӣ намуд. Зикр гардид, ки коррупсия – ҳамчун зуҳуроти нангини ҷомеа метавонад нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи он барангехта, барои ҷинояткорӣ замина мегузорад. Бинобар ин, ҳар нафари ватандӯстро лозим аст, ки баҳри аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб дар ҷомеа муборизаи беамон барад ва ба пешрафту шукуфоии ватани азизамон саҳми арзанда гузорад. Дар баробари ин, таъкид шуд, ки “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” дар мубориза ва пешгирии ҷиноятву ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта заминаи мустаҳкам гузошта, дар самти муқовимат бо коррупсия, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳлили омори вазъи коррупсионӣ тамоми масъалаҳоро пешбинӣ намудааст. Дар стратегияи мазкур вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои давлативу худидоракунӣ вазифадор карда шудаанд, ки дар пайи иҷрои нақша-чорабиниҳо дар самти мубориза бо коррупсия ҳамкориро бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба таври зарурӣ ба роҳ монанд.

Дар идомаи мулоқот изҳор карда шуд, ки барои таъмини иҷрои босамари талаботи “Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” ва пешгирӣ намудан аз кирдорҳои коррупсионӣ иштирокдорони ҷаласа бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар чорабиниҳои лозимиро мунтазам бояд ба роҳ монда, баҳри баланд бардоштани тафаккури зиддикоррупсионӣ дар миёни кормандони тамоми тадбирҳо андешанд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

**Тибқи талаботи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон насбу истифодаи мошинҳои назоратӣ - хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) дар фаъолияти соҳибкорон ҳатмӣ буда, он яке аз воситаҳои муайян кардани даромади воқеии андозсупоранда ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ кормандони мақомоти андози кишвар кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки марказҳои хизматрасонӣ ва фурӯшгоҳҳоро бо МНХ - дорои ТИЭ таъмин намоянд.**

# Истифодаи нодурусти МНХ

Истифодаи МНХ дар шаҳри Кӯлоб дар маркази таваҷҷуҳи кормандони нозироти андози шаҳр қарор дошта, дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасониҳо ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Тавре сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ бо соҳибкорони инфиродии Нозироти андози шаҳри Кӯлоб Фирдавси Одинаҳуҷа гуфт, дар 3 моҳи соли 2019 дар фаъолияти андозсупорандагон 36 адад мошини назоратӣ - хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ насб гардидааст. Мавсуф ҳамчунин, қайд кард, ки ҳарчанд дар шаҳри Кӯлоб нақшаи насби МНХ пурра иҷро гардида бошад ҳам, баъзе аз соҳибони марказҳои савдо ва хизматрасонӣ саҳлангорӣ намуда, аз МНХ ба таври зарурӣ истифода намекунанд, ки ин ҳолат боиси ҳуқуқвайронкуниҳои онҳо мегардад.

Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии нозироти андози шаҳр Парвиз Шарипов зикр кард, ки дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ баъзе аз соҳибкорон ҳангоми фаъолият аз МНХ ба таври зарурӣ истифода намекарданд. Дар ин давра дар фаъолияти онҳо хариди назоратӣ гузаронида шуд. Ҳамин тавр дар фаъолияти ҶДММ «Аптека 36,6» хариди назоратӣ муайян кард, ки соҳибкор ҳангоми фурӯши доруворӣ аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намекардааст. Нисбати роҳбари ҷамъият тибқи талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4500 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ 5 адад филиали дигари ҶДММ «Аптека 36,6» барои истифода накардаи МНХ-и дорои ТИЭ аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар асоси моддаҳои 614 - 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2000 сомонӣ то 4000 сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд.

Ба ҳамин монанд, ҶДММ «Табиат», ки ба фурӯши доруворӣ машғул буд, барои ба таври дуруст истифода накардани МНХ тибқи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4 ҳазор сомонӣ ҷарима гардид. Ҳамин тавр кормандони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ дар фаъолияти 10 андозсупоранда қонуншиканиҳои андозро ошкор карданд.

- Дар ноҳияи Темурмалик низ ба масъалаи насбу истифодаи дурусти МНХ–и дорои ТИЭ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад, - гуфт, мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии Нозироти андози ноҳияи Темурмалик Қудратулло Пиров.

Мавсуф қайд кард, ки дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар фаъолияти 6 андозсупоранда МНХ насб гардид. - Мо пайваста кӯшиш мекунем, ки истифодаи МНХ- ро зери назорат қарор дода, соҳибкорон ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз он ба таври зарурӣ истифода намоянд, - зикр кард Қ. Пиров.

Кормандони нозироти андози ноҳия дар семоҳаи аввали соли 2019 ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ як нафар шахси ҳуқуқиро барои ба таври дуруст истифода накардани МНХ тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима карданд.

Бояд зикр кард, ки истифодаи МНХ дар фаъолияти соҳибкорон яке аз воситаҳои асосии муқаррар кардани даромади воқеии андозсупоранда ба шумор рафта, кафолати маҳсулотро муайян мекунад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Шакиру обвиняют в мошенничестве. Жена Пике должна 14,5 млн евро налоговой службе Испании

**В отношении жены защитника «Барселоны» Жерара Пике заведено дело. 42-летнюю поп-исполнительницу из Колумбии обвиняют по шести пунктам.**



Прокуратура Барселоны обвиняет Шакиру в том, что она не выплатила в налоговую службу 14,5 миллиона евро.

Шакира не регистрировала себя налоговым резидентом, проживая при этом в Испании. Кроме того, она скрывала доходы через корпоративную сеть и офшоры в период с 2012 по 2014 год.

Люди из окружения певицы сообщили EFE, что Шакира согласна дать показания и сотрудничать со следствием. Они также утверждают, что колумбийка уже выплатила 14,5 миллиона евро и больше ничего не должна.

Те же источники сообщают, что Шакира всегда выполняла налоговые обязательства и пользовалась услугами известной фирмы Pricewaterhouse (PwC).afp.

**Источник: https://sportmail.ru/news/football-foreign/36473112/**

# Вазъи пешниҳоди эъломияи андоз



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати камшавии маблағи воридоти андозҳо ва пешниҳоди эъломияи андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқиро дар мақомоти ҳудудии андоз барои соли 2019 мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дод.**

Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда нишон додааст, ки новобаста аз таъкидҳои пайваста ва мактубҳои тавзеҳотию назоратии Кумитаи андоз баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад, на ҳамаи андозсупорандагон эъломияи андоз аз молу мулкро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд, ки ҳолати мазкур ба сифатнок таъмин гардидани нақшаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул таъсири худро расонида истодааст.

Мутобиқи маълумоти ҷамъбастӣ, аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор дар миқёси ҷумҳурӣ 6567 адад супорандаи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб мераванд, ки аз ин 5166 адад шахси ҳуқуқӣ ё худ 78,6 фоизи онҳо барои соли 2019 ба мақомоти андоз эъломияҳои андозҳо аз молу мулки худро пешниҳод намудаанд. Тафовути шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозии худро пешниҳод накардаанд, ба 1401 адад ё худ 21,4 фоиз баробар мебошад, ки аз ин шумора ба ҳисоби миёна бо меъёрҳои қаблан амалкунанда ба маблағи 9964,7 ҳазор сомонӣ андози молу мулки ғайриманқул ва ба маблағи 1230,0 ҳазор сомонӣ андози замин, ки дар маҷмӯъ, 11194,7 ҳазор сомонӣ танҳо барои давраи соли 2019 дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ андозҳои мазкур сари вақт ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Гуфта мешавад, ки нишондиҳандаи шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозии худро пешниҳод накардаанд, мутаносибан дар вилояти Хатлон 608 адад ё худ 30,0 фоиз, маблағҳои вориднашуда ба ҳисоби миёна, дар маҷмӯъ, 3087,3 ҳазор сомонӣ, дар вилояти Суғд 334 адад ё худ 13,1 фоиз, мабалғҳои вориднашуда аз ин ҳисоб, дар маҷмӯъ, 2144,8 ҳазор сомонӣ, дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби 160 адад ё 18,8 фоиз маблағи андоз ба ҳисоби миёна, дар маҷмӯъ, ба маблағи 4797,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 293 адад ё 25,2 фоиз эъломияҳои андозии худро ба мақомоти андоз барои соли 2019 пешниҳод накардаанд, ки ба ҳисоби миёна, дар маҷмӯъ, ба маблағи 1047,5 ҳазор сомонӣ андозҳо аз объектҳои молу мулк ва қитъаҳои замини шахсони ҳуқуқӣ ворид нагардидааст.

Яке аз масъалаҳое, ки боиси нигаронии мақомоти андози мамлакат гаштааст, ин сари вақт дохил накардани эъломияҳои андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин ба ҳисоб меравад, ки боиси ба миён омадани изофапулиҳои беасос гардидааст.

Ёдовар бояд шуд, ки қаблан вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо гузаронида, ҷиҳати барқарор намудани эъломияи андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин барои давраи солҳои 2016 - 2018 ва кам кардани изофапулиҳои беасос тибқи мактубҳои алоҳида дар шакли электронӣ рӯихати андозсупорандагон ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол гардида буд. Новобаста аз натиҷаи рафти иҷрои мактубҳои назоратии Кумитаи андоз дар ин самт нишон дод, ки на ҳамаи камбудиҳои ҷойдошта аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз ислоҳ шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар давраи солҳои 2016 - 2019 ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар 1191 ҳолат муайян шуд, ки андозсупорандагон, дар маҷмӯъ, ба маблағи 11862,0 ҳазор сомонӣ андозҳо аз молу мулк ва қитъаҳои замин пардохт кардаанд, аммо ҳисоботи андозии онҳо дар барномаи компютерӣ дарҷ гардидааст, ки ин боиси ба миён омадани изофапулиҳои беасос гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур танҳо дар давраи соли 2019 дар вилояти Хатлон аз ҳисоби 192 нафар андозсупоранда ба маблағи 348,5 ҳазор сомонӣ, дар вилояти Суғд аз ҳисоби 142 андозсупоранда ба маблағи 759,4 ҳазор сомонӣ, дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби 91 андосзупоранда ба маблағи 1696,4 ҳазор сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ аз ҳисоби 128 андозсупоранда ба маблағи 231,1 ҳазор сомонӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул дар ҳисобварақаҳо ҳамчун маблағи пардохтшуда қайд шудааст, аммо аз ҷониби андозсупорандагон эъломияи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул пешниҳод нагардидааст, ки дар натиҷа, боиси изофапулии бесос гардидааст.

Бо дарназардошти мушкилоти ҷойдошта дар ин самт, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор намуд, ки инвентаризатсияи маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони ҳуқуқиро барои давраи солҳои 2013-2019 гузаронида, барои дуруст дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дарҷ гардидани маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул чораҳои иловагӣ андешанд ва оид ба иҷрои уҳдориҳои андозӣ бо андозсупорандагон санадҳои муқоисавии дуҷониба тартиб диҳанд.

Ғайр аз ин, барои таъмини эъломияҳои андозии андозсупорандагон ба мақомоти андоз барои давраи солҳои 2013-2019 бо татбиқи чораҳои маъмурӣ чораҳои зарурииро андешанд. Инчунин, дурустии эъломияҳои пешниҳодшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқулро аз рӯи таъиноти истифодабарӣ (тиҷоратӣ, истиқоматӣ ва дигар мақсадҳо) мавриди таҳлили иловагӣ қарор дода, барои дуруст ҳисоб ва пардохт гардидани маблағи андози мазкур миёни андозсупорандгон корҳои фаҳмондадиҳию назоратиро тақвият бахшанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати кам кардани ҳаҷми бақияпулиҳои бавуҷудомадаи андоз аз молу мулки ғайриманқул дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## Бақайдгирии объектҳои молу мулк

**Дар семоҳаи аввали соли 2019 кормандони бахши ташкили андозбандии шахсони воқеии Нозироти андоз дар ноҳияи Ховалинг дар асоси фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.09.2014 таҳти №262 «Оиди баҳисобгирии инвентаризатсияи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» Гурӯҳи корӣ ташкил гардида, дар ин давра як қатор корҳоро ба сомон расониданд.**



Тавре аз нозироти андози ноҳия иттилоъ доданд, Гурӯҳи корӣ дар натиҷаи гузаронидани баҳисобгирии инвентаризатсия шумораи объектҳои молу мулки ғайриманқулро муайян кард, ки дар ҳудуди ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот 6347 объекти молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ мавриди истифода қарор дорад. Аз ин 379 адади он ба масоҳати 104876 метри мураббаъ, ки маблағи 46 ҳазору 684 сомониро ташкил медиҳад, ошкор гардида, дар натиҷа, 40805 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардид. Бояд қайд кард, ки пеш аз гузаронидани инвентаризатсия дар ҳудуди ноҳияи Ховалинг шумораи объектҳои молу мулки ғайриманқул 6005 ададро ташкил медод. Ҳамчунин, дар ин давра аз тарафи Гурӯҳи корӣ дар ҳудуди ноҳия 40 адад объекти молу мулки ғайриманқули бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани шаҳрвандон ошкор гардида, ба қайди давлатӣ гирифта шуданд. Дар се моҳ аз тарафи иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул 9435 сомонӣ маблағи андоз ҳисоб шуда, ба буҷет пардохт гардидааст.

Айни ҳол аз тарафи кормандони бахши ташкили андозбандии шахсони воқеии нозироти андози ноҳия ҷиҳати баҳисобгирии (инвентаризатсия) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаи нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ корҳо идома доранд. Тибқи маълумоти дастрасгардида феълан, дар ноҳия 296 шахси ҳуқуқӣ, 245 нафар андозсупорандаи тибқи патент фаъолияткунанда, 107 нафар андозсупорандаи бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайд гирифта шуданд. Хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 1993 ададро ташкил медиҳад. Маблағи андоз аз ҳисоби андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда 130800 сомониро ташкил медод, ки аз ин ба буҷет 109112 сомонӣ ворид гардид. Бақияи қарзи патент ба ҳолати 1 апрели соли 2019-ум 66 ҳазору 623 сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс бо 1 январи соли 2019-ум 13 ҳазору 214 сомонӣ кам гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОЛЛ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**ҚАРЗ ЗИЛЛАТ АСТ**

## Тартиби ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор

Сабабҳои аслии ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудани субъекти хоҷагидор ин, пеш аз ҳама, риоя нашудани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқ накардани талаботи қонунгузории амалкунанда, пешниҳод накардани эъломияҳои андоз, сари вақт пардохт накардани бақияи қарзи андоз, роҳ додан ба пайдоиши қарзҳои нав, бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда, пардохт накардани маблағи андозҳои мувофиқи санади санҷиши ошкоршуда ва истифодаи ҳисобнома – фактураҳои қалбакӣ, умуман, камфаъолиятию бесалоҳиятӣ мебошад.

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба андозсупорандагони бемасъулият» аз 9 апрели соли 2019, таҳти №150 тибқи талаботи банди 51 моддаи 17, қисми 3 моддаи 44, моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2.11.2015, №376 «Оид ба тасдиқ намудани тартиби ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидор», ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият», ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2011, №57 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид шуд.

Қобили зикр аст, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои сари вақт таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз, андозсупорандагони дар замимаи №1-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд.

Ҳамзамон, бино бар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, татбиқи чораҳои маъмурӣ, андозсупорандагони дар замимаи №2-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ мешаванд.

**Замимаи №1**
ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
*аз 9 апрели соли 2019, №150*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шуданд:**

<table>
<tr><th>№</th><th>Номгӯи андозсупоранда</th><th>Сабабҳои ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон</th></tr>
<tr><td>1</td><td>ҶДММ «Ҷасур РД»</td><td>Пардохт накардани бақияи қарзи андоз</td></tr>
<tr><td>2</td><td>ҶДММ «Ориёно - 0017»</td><td rowspan="6">Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда</td></tr>
<tr><td>3</td><td>ҶДММ «Дунёи Афсона»</td></tr>
<tr><td>4</td><td>ҶДММ «Дилошуб - 2017»</td></tr>
<tr><td>5</td><td>ҶДММ «Истиқлол - 17»</td></tr>
<tr><td>6</td><td>ҶДММ «Аниса - 2018»</td></tr>
<tr><td>7</td><td>ҶДММ «Пайком»</td></tr>
</table>

**Замимаи №2**
ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
*аз 9 апрели соли 2019, №150*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шуданд:**

| № | Номгӯи андозсупоранда |
|---|---|
| 1 | ҶДММ «Арис групп» |
| 2 | КТ «Бешкаппа» |

Фармоиши зикршуда Раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, ситонидани қарзи андозҳо ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки аз лаҳзаи ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани субъекти хоҷагидор, фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва ҷиҳатиислоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудааст, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Истифода аз технологияҳои муосир

**Таъмин нагардидани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷет ва пурра ба андозбандӣ ҷалб нашудани даромади воқеии андозсупорандагон ба пешниҳод нагардидани эъломияҳои андоз, пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ ва эъломияҳое, ки дар онҳо даромадҳои ночиз нишон дода мешаванд, боис мегардад.**



Таҳлили маълумот нишон дод, ки дар семоҳаи якуми соли 2019 ба нозиротҳои андози шаҳри Душанбе 9723 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда эъломияҳои андозии худро бо нишон додани даромади умумӣ то 100 ҳазор сомонӣ пешниҳод намудаанд. Ин нишондиҳанда нисбати шахсони ҳуқуқӣ дар ноҳияҳои Шоҳмансур 37 фоиз, Исмоили Сомонӣ 43 фоиз, Фирдавсӣ 39 фоиз ва Сино 27 фоиз ва нисбати соҳибкороне, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд, дар ноҳияҳои Шоҳмансур 70 фоиз, Исмоили Сомонӣ 69 фоиз, Фирдавсӣ 77 фоиз ва Сино 67 фоизро ташкил менамояд.

Муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид қайд намуд, ки дар нозиротҳои андози шаҳри Душанбе 5137 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ эъломияҳои худро тариқи сифрӣ пешниҳод намудаанд.

Ба гуфтаи ӯ, гарчанде нишондиҳандаи эъломияҳои сифрӣ ва бефаъолият нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 фоиз кам шуда бошад ҳам, дар сурати ба ҳисоби миёна аз седу ҳиссаи андозсупорандагон ё ба ҳисоби миёна то 60 фоизи андозсупорандагон эъломияҳои сифрӣ пешниҳод кунанд, таъмини иҷрои нақшаи воридоти андозҳо имконнопазир мегардад.

Ба ҳолати 1 апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе 7274 ташкилоту корхонаи шакли моликияташон гуногун ва 10223 соҳибкори инфиродӣ фаъолият дошта, мутаносибан 4576 адад корхона ба ҳисоби миёна 63 фоиз ва 6561 соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоби миёна 65 фоиз ҳисоботи худро дар муҳлати муқарраршуда ба нозироти андози маҳалли худ пешниҳод намудаанд. Аз шумораи умумии андозсупорандагон шахсони ҳуқуқӣ 2698 адад ва аз соҳибкорони инфиродӣ 3662 адад ҳисобот пешниҳод накардаанд.

Зимнан, тибқи талаботи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз дар семоҳаи якуми соли 2019-ум 240 андозсупоранда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд, ки дар маҷмӯъ, 4 фоизи шумораи андозсупорандагонеро, ки эъломияҳои андозро пешниҳод накардаанд, ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур нисбати 70 андозсупоранда, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ нисбати 36 андозсупоранда, дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ нисбати 47 андозсупоранда ва дар Нозироти андоз дар ноҳияи Сино нисбати 74 андозсупоранда протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки пайваста аз ҷониби роҳбарияти Кумитаи андоз оид ба ботадриҷ зиёд намудани даромади умумии андозсупорандагон чораҳо андешида мешавад. Вале дар семоҳаи аввали соли 2019 даромади умумии соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар ноҳияи Шоҳмансур нисбати ҳамин давраи соли гузашта танҳо 22,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бинобар ин, бо мақсади татбиқи талаботи қонунгузорӣ ва чораҳои таъсирбахши ҷорӣ гардидани интизоми андозсупории андозсупорандагон, самаранок татбиқ намудани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони нозиротҳои андозро зарур аст, ки дар ин самт пайваста чораҳои дахлдор андешида, риояи талаботи қонунгузориро таъмин намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Власти хотят ввести экологический налог для «грязных» предприятий



### Новый эконалог может заменить сбор с предприятий за сброс неочищенных вод

В РФ может появиться новый экологический налог, который заменит платежи за сброс неочищенных вод, заявил глава Росводресурсов Дмитрий Кириллов, передает РБК.

«Сейчас финансовым блоком правительства обсуждается идея заменить платежи для предприятий за сбросы неочищенных стоков в водные объекты на экологический налог. Такой налог может быть дополнительным стимулом для «грязных» промышленных и коммунальных предприятий использовать современные технологии очистки», — сообщил он.

Ранее Минфин разработал включение в НК пяти неналоговых платежей — утилизационного, экологического и гостиничного сборов, сборов с большегрузов и с операторов связи. Изначально их планировалось ввести в 2020 г., но после консультаций с бизнесом Минфин отложил вступление в силу изменений на 2021 г.

http://taxpravo.ru/international/novosti

# Мақсад - ошкор намудани маблағҳои пинҳоншуда

Мутобиқи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ – шакли назорати андоз буда, аз тарафи мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равоншуда дар давре, ки мавриди муоина қарор мегирад, гузаронида мешавад. Мақсади гузаронидаи муоинаи хронмоетражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, пеш аз ҳама, муайян кардани манбаи аслии андозбандишаванда ва ошкор гардидани андозсупорандагоне мебошад, ки ҳадафашон пинҳон намудани манбаъҳои андозбандишаванда аст.

Кормандони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар 3 моҳи соли 2019 ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон маблағҳои калони пинҳоншударо ошкор намуданд. Тавре аз нозироти андози шаҳр ба мо иттилоъ доданд, дар семоҳаи аввали соли 2019 аз ҷониби мақомоти андози шаҳр бо мақсади муайян кардани манбаи аслии андозбандишаванда дар фаъолияти 10 андозсупорада муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд. Тибқи маълумоти дастрасгардида, даромади умумии 10 андозсупоранда дар як моҳ ба ҳисоби миёна 216,0 ҳазор сомониро ташкил медод. Пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади умумии ин андозсупорандагон дар як моҳ ба ҳисоби миёна дар як моҳ 316,4 ҳазор сомониро ташкил дод, ки фарқият нисбат ба манбаи андозбандишавандаи пештар пешниҳодшуда ба маблағи 114,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Кормандони нозироти андози шаҳри Кӯлоб дар ин давра дар фаъолияти андозсупорандагон барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи 13750 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, маблағи зикршуда ба буҷет таъмин гардид. Ҳамин тавр муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти ҷамъиятиҳои дорои масъулияти маҳдуди «Зафар Ҷафар», «Судоба М», «Бадахшон-А», «Лаззат И», «Муҳаммадҷон П», соҳибкорони инфиродӣ Сайдалиев Олимхон, Ҳакимзода Илҳом, Абдусаломи Ш., Сафаров Комилҷон ва Гулямов Нурулло гузаронида шуд. Натиҷаи муоинаи хронометражӣ муайян кард, ки андозсупорандагон дар се моҳи соли 2019 маблағи 113 ҳазору 983 сомониро пинҳон намуданд, ки дар натиҷа, маблағи зикршуда пурра ошкор ва ба буҷет таъмин гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Бақайдгирӣ ва пешниҳоди электронии эъломияҳо

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияи иттилоотии муосир шароит фароҳам оварда истодааст, ки хизматрасониҳои мақомоти андоз давра ба давра пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шавад. Тартиби мазкур имконият медиҳад, ки андозсупорандагон бо харҷи камтар ва сарфаи вақт аз хизматрасониҳои мақомоти андоз бархурдор бошанд.**

То семоҳаи аввали соли равон 17569 шахси ҳуқуқию соҳибкори инфиродии шаҳри Душанбе 11696 нафари он эъломияи андози худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод менамоянд.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид қайд намуд, дар ин давра 100 шахси ҳуқуқӣ ва 184 соҳибкори инфиродӣ ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо гузаронида шудаанд.

Гуфта мешавад, ки дар семоҳаи аввали соли 2019 аз ҷониби шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе 2108 андозсупоранда, аз ҷумла 90 шахси ҳуқуқӣ, 317 соҳибкори инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд, 1696 соҳибкори инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд ва 5 филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон, дар ин давра 1259 андозсупоранда, аз ҷумла 54 шахси ҳуқуқӣ, 140 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома, 1062 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 3 адад филиалу намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барҳам дода шудаанд. Нисбат ба 1-уми январи соли 2019 шумораи андозсупорандагон 857 адад, аз ҷумла 36 шахси ҳуқуқӣ, 176 соҳибкори инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома, 643 андозсупорандае, ки тибқи патент фаъолият мекунанд ва 1 филиалу намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ зиёд шудаанд.

**М. ҶУМЪА**

**СЕМИНАР – МАШВАРАТ**

# Корҳои тавзеҳотӣ - самти муҳими фаъолият

**17 апрели соли 2019 дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо ибтикори Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ бо мақсади анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо иштироки Раиси ноҳияи Рӯдакӣ Рустам Акрамзода, муовини раиси ноҳия Шуҳрат Раҳимов, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ Амирхон Одиназода, сардори Раёсати молия дар ноҳияи Рӯдакӣ Файзалӣ Султонзода, кормандони нозироти андози ноҳия ва андозсупорандагоне, ки дар назди буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳо қарздор мебошанд, семинар – машварат баргузор гардид.**

Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.07.2017, таҳти №316 тасдиқ гардидааст, гузаронидани семинар-машварату вохӯриҳо бо андозсупорандагон ва фаҳмонидани муқаррароти қонунгузории андозро яке аз самтҳои муҳими фаъолияти худ қарор додааст.

Нахуст муовини раиси ноҳия Ш. Раҳимов оид ба мафҳум ва моҳияти андоз, сарчашмаҳои андозбандӣ, омилҳои пайдоиши қарзи андоз, таъсири манфии бақияпулиҳои андоз дар иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ, суханронӣ кард. Аз ҷумла, гуфт, ки сарчашмаи асосии қисми даромади буҷет аз андозҳои давлатӣ ташаккул ёфта, он барои рушду равнақи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ равон мешавад.

Зикр гардид, ки асоси пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва расидан ба сатҳи баланди зиндагии сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба таъмини қисми даромади буҷет нигаронида шудааст. Баҳри таъмини ин ҳадафҳои нек якчанд омилҳое вуҷуд доранд, ки таъсири манфии худро мерасонанд. Аз ҷумла, бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагон, ки имрӯз боиси нигаронии мақомоти андоз гаштааст.

Баъдан, Раиси ноҳияи Рӯдакӣ Рустам Акрамзода аз дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва имтиёзу сабукиҳои ба онҳо пешниҳодшуда ёдовар шуда, аз андозсупорандагон даъват ба амал овард, ки дар ҷавоб ба ин ғамхориҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ саҳми арзандаи худро гузоранд ва баҳри коҳиш додани бақияи қарзи андозҳо масъулият эҳсос намоянд.

**Дар интиҳо миёни роҳбарияти ноҳия ва андозсупорандагон мубодилаи афкор сурат гирифт.**

**Абдулвоҳид ОЕВ,**
**мудири бахши ситонидани қарзи андозҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# ОЭСР советует Японии повысить потребительский налог

## Потребительский налог среди членов ОЭСР у Японии сейчас самый низкий

Организация экономического сотрудничества и развития (ОЭСР) советует Японии для поддержания финансовой стабильности и уменьшения государственного долга повысить ставку потребительского налога, которая сейчас составляет 8%. Так говорится в докладе ОЭСР, пишет ТАСС.

«Чтобы достичь достаточного профицита (бюджета) только за счет потребительского налога, необходимо повысить его ставку до 20-26%, что выше среднего показателя по ОЭСР, составляющего 19%», — отмечается в докладе организации.

Эксперты ОЭСР считают, что Япония сталкивается с большими проблемами, которые связаны с нехваткой рабочей силы и постепенным старением граждан. Поэтому гарантировать стабильные поступления в казну можно в основном за счет повышения уровня сборов. При этом потребительский налог среди членов ОЭСР у Японии в данный момент самый низкий, а государственный долг существенно превышает ВВП.

**http://taxpravo.ru/international/novosti**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон, дуруст ба танзим даровардани қабули шаҳрвандон дар Кумитаи андоз, тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2017, №507 «Тартиби онлайн номнавис (сабт) намудани қабули андозсупорандагон ва шаҳрвандон дар Кумитаи андоз» тасдиқ гардида, мавриди истифода қарор гирифтааст. Тартиби мазкур ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон имконият медиҳад, ки вақти худро сарфа карда, пешакӣ барои қабул дар Кумитаи андоз сана ва вақти ба худ муносибро барои муоширот интихоб намоянд.

Номнавис барои қабул дар Кумитаи андоз ҳамарӯза, бемаҳдудият тавассути сомонаи расмии (www.andoz.tj) Кумитаи андоз сурат мегирад. Тибқи тартиби муқарраргардида қабули андозсупорандагон ва шаҳрвандон аз ҷониби шахсони мутасаддии мақомоти андоз дар рӯзҳои корӣ аз соати 8:00 то 17:00 ва аз ҷониби роҳбарияти Кумитаи андоз тибқи тартиби муқарраршуда дар рӯзҳои қабул амалӣ мегардад.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Рӯзи ҳафта | | | | | | Мори калони захрдор | | | | | |
| | Алгебра ва ибтидои ... | Шахси холӣ аз андӯҳ | | Фатҳ, фирӯзӣ | | Як қабилаи чугӣ | | Гап задан | Ҷинси муқобили мард | | Буэнос -..., пойтахти Аргентина |
| | | | | | | Баво, шӯриш, исён | | | | | |
| | Бадбинанда, бадхоҳ | | | ҳолати аз майдон берун шудани тӯб | | | | Кило-грамм (мухтасар) | | Ором кардан | |
| | | | | | | Бештар, бисёртар | | | | | |
| | | Номи ҳарфи арабӣ | | Дарё дар Ҳиндустон | | | | | | ... Анҷелес | |
| Мӯйи гардани асп | | | | | | | | | | | |
| Мавҷи радио | | | | | | | | | | Хонум, малика | Ходим, хизматгор |
| | Упо, хока барои рӯй | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | Бетарбия | В, унсури химиявӣ | |
| | Маъзарат, бахшиш | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | Муҳаммад ..., боксёр | |
| | Асбоби тордори мусиқӣ | | | | | | | | | | |
| Кордида, пухта | | | Канали №1 дар Русия | Тамғаи таппонча | | | Карру фар, дабдаба | Ғоратгар | | Хушрӯӣ, зебоӣ, ҷамол | |
| | | | | | Махлуқи калони афсонавӣ | | | | | | |
| | Зоҳир, намоён, кушода | Гурехтан | | Тамғаи ҳаво-паймо | | | Гузаштан аз оби ҷӯй | | | | |
| | | | | | Ҳайвони маъруфу обӣ | | Гун, лавн, тобиш | | Ҷаҳон, дунё, гетӣ | | Бонги намоз |
| | Фатво-диҳанда | | Ҳолати осоиш | Ҷасурона, далерона | | | | | | | |
| | | | | | | | | чеҳра, рухсора | | пешоянд | |
| | Аптека | | Магнит ба тоҷикӣ | | | | | | | | |
| Забони арабҳо | | | | | | Фикр, хаёл | | | | | |


... Насриддинов, сароянда

# ТЕРРОРИЗМ. ЗУҲУРОТЕ, КИ БОЯД РЕШАКАН БОШАД

**Густариши фаъолияти гурӯҳҳои террористиву ифротгароён рӯз ба рӯз характери фаромиллӣ ва глобалӣ ба худ касб намуда, хатари бузурге ба амнияти давлату миллатҳо оварда истодааст. Ин равандҳои номатлуб боиси ҷангу низоъҳои мазҳабӣ, шаҳрвандӣ ва байнидавлатӣ гардида, таҳдидҳои беамоне дар муқобили истиқлолияту ваҳдати миллатҳо менамоянд. Чунин муносибат, бешак, таъсири манфии худро ба ҳаёти осоиштаи мардуми сайёра расонда, боиси бехонаву дар, Ватан-Модар, оилаву фарзанд, коштани тухми кинаву адоват байни дину мазҳабҳо ва халқу давлатҳо шудааст.**

Қувват ва густаришёбии ин «вабои аср» боиси азбайнравии истиқлолияти давлатҳо, ваҳдату дӯстӣ, косташавии фарҳангҳо, муносибатҳои дипломатӣ шудааст. Ҷаҳони муосир, ки дар давраи рушд ва навовариҳои илмию техникӣ қарор дорад, аз ҳар шахс зиракиву ҳушёрӣ ва дурандешию тафаккури амиқро талаб менамояд. Ҳақ ба ҷониби Пешвои дурандешу нуктасанҷи миллат аст, ки борҳо дар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳангоми баромадҳояшон ба ин «вабои аср» ишораҳо намуда, мегӯянд: «Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст».

Воқеан, ин гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баёнгари он аст, ки терроризм ва экстремизм ҳеҷ иртиботе ба дину оинҳои исломӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ надоранд. Онҳо зери шиорҳои «бозгашт ба салаф» байни мардум нофаҳмиву иғворо ба вуҷуд меоранд. Мутаассифона, афзоишёбии гурӯҳҳои ифротгаро ба амният ва фазои сулҳу суботи Ватани азизи мо низ бетаъсир намонда, бо ҳар роҳу восита фазои осоиштаи ҷомеаро халалдор месозанд.

Низоми ҷаҳони муосир дар ҳоле қарор дорад, ки манофеи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангию геополитикӣ дар ҳоли бархӯрд ва маҳви якдигар қарор доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавиаш дар минтақа байни бархӯрди манофеи абарқудратҳо қарор дорад. Чунин ҷойгиршавӣ имкон дорад барои манфиатхоҳон ҳамчун восита истифода шавад. Ин воситаҳо метавонанд хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, бахусус идеологӣ-динӣ-ифротгароӣ, дошта бошанд.

Дар солҳои аввали истиқлолият баъзе аз гурӯҳҳои манфиатҷӯ тавассути ваъдаҳои бардурӯғ хостори ғасби ҳокимият шуда, сабаби куштори ҳазорон шахсони бегуноҳ, бадбахту мусибатзада шудани оилаҳо гардиданд. Агар солҳои 90-уми асри XX ин гурӯҳҳои манфиатҷӯ аз камиттилоотии мардум истифода бурда бошанд, имрӯз тавассути тарғиби идеологияҳои махсуси динӣ ва ваъдаҳои пулию молӣ ашхоси аз дину илм бехабарро ба доми худ мекашанд.

Яке аз сабабҳои асосие, ки шахс ва ё ҷомеаву давлат ва миллатро ба вартаи нобудӣ рӯ ба рӯ месозад, ин камсаводиву тангназарӣ ва пайравии кӯркӯрона ба ҳар гуна идеология ва таълимоти иртиҷоӣ мебошад. Хело ба маврид аст, ки суханҳои ҳакимонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нисбат ба ин масъала баён намоем, ки эшон зикр намудаанд: «Дар шароити тағйир ёфтани вазъи геополитикии ҷаҳон ва афзоиши таҳдиду хатарҳои нав, ки ба рушди давлатдории миллӣ ва манфиатҳои милливу давлатии мо низ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд...мо хуб дарк мекунем, ки таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими сулҳу субот, мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва ин зуҳуроти номатлуб метавонанд пояҳои давлатро низ заиф гардонанд».

Ин гуфтаҳои Пешвои миллат баёнгари он мебошанд, ки хатару таҳдидҳои терроризм таъсири манфии худро ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мерасонанд ва даст задан ба чунин амалҳо метавонад шахсро ба анҷом додани ҳама гуна амалҳои номатлуб равона созад. Аз ин рӯ, дастаҷамъона бар зидди зуҳуроти терроризму ифротгароӣ муборизаи беамон бурдан зарур аст.

**Гулбаҳор АМИНОВА,**
**корманди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Осмони Ватан» (РЯМ 0110018526) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Гулбоз-83» (РЯМ 770002961) воқеъ дар ноҳияи Шуғнон, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Бобои Ҳасан» (РЯМ 3210003959) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

■ Намояндагии ҶДММ «АЗИЯ ЛИНГ» (РМА 630010572) воқеъ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, барҳам мехӯрад.

■ Намояндагии ҶДММ «АЗИЯ ЛИНГ» (РМА 640004605) воқеъ дар шаҳри Бӯстон, барҳам мехӯрад.

■ Намояндагии ҶДММ «АЗИЯ ЛИНГ» (РМА 550008477) воқеъ дар шаҳри Исфара, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ТАҶ ПЛАЙ» (РЯМ 6210007907) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Меҳроҷи Нуриддин» (РЯМ 3410007242) воқеъ дар ноҳияи Кӯшониён, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Тоштемиров» (РЯМ 3310004720) воқеъ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Давлат - 2013» (РЯМ 3410006875) воқеъ дар ноҳияи Кӯшониён, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродов Абдураҳмон Нурбоевич (РЯМ 0430154661) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зокиров Шералӣ Шарофиддинович (РМА 046553026) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобомуротова Гулшан (РЯМ 0331333356) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хуҷаёров Қаҳор (РЯМ 7730006103) аз ноҳияи Шуғнон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назиров Бахтиёр (РЯМ 7730008605) аз ноҳияи Шуғнон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмадназарбеков Ҳайрат (РЯМ 7730007652) аз ноҳияи Шуғнон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошов Зикриё Сайнеъмонович (РЯМ 0331384213) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Аҳророва Мунира (РЯМ 1830028292) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҳмонова Мастона Рауфова (РЯМ 0331213255) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳаитов Хурсандмурод Иззатович (РЯМ 0930145746) аз ноҳияи Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Эрданов Баходир (РЯМ 3030045994) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ мутааллиқ ба хоҷагии деҳқонии «Маккатулло» (РЯМ 3230051789) аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҷабов Шералихон Неъматович (РЯМ 3230022666) аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Одинаев Бобомурод (РЯМ 0730168560) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тешабаев Фарҳод (РЯМ 0730124955) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупова Дилором Холиқовна (РЯМ 6430007132) аз шаҳри Бӯстон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Умед 2» (РЯМ 5730083013) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Қутбидинов Сайфиддин (РЯМ 6230040997) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупова Дилором Холиқовна (РЯМ 6430007132) аз шаҳри Бӯстон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Акбари Худойдод (РЯМ 6230014698) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бекмуротова Равшаной (РЯМ 6230020904) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Акрамов Раҳмат (РЯМ 6230110815) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қодирова Хуринисо Абдурауфовна (РЯМ 0331241066) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ҶДММ «Ок бар ресторан» аз ноҳияи Шоҳмансур (РМА 010090692) сармояи оинномавиашро аз 50 000 сомонӣ ба 5 000 сомонӣ кам мекунад.**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки аз ҷониби мақомоти андоз модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии (http://andoz.tj) ҷойгир шудааст.

Тибқи модули нав андозсупорандагон имконият доранд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷию дохилӣ бемонеа, бо тартиби электронӣ, ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ, ҳамарӯза аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ ва дар мавриди пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо субъекти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ шудааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муасиссони шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки аз лаҳзаи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, дар давоми як соли минбаъда, ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии он ташаккул дода, дар ин хусус маълумоти заруриро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намоянд. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад, барои барҳам додани чунин шахс ба суд муроҷиат намояд.

Ташаккул додани сармояи оинномавӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии муассисро ба шахси ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд.

Бинобар ин, аз муассисони шахсони ҳуқуқӣ хоҳиш карда мешавад, ки сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташаккул дода, маълумоти зарурро дар ин хусус ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332 ”Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо” Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**



АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ ВА СОТСИАЛИЗМИ ПАСИН

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Дар рафти ислоҳот такомули баъзе ҷиҳатҳои он идома мекард. Таҷрибаи дар Вазорати дастгоҳсозӣ, воситаҳои автоматӣ кардани низоми идора аз соли 1970 гузаронидашуда ҷолиб аст. Дар ин вазорат модели иқтисодии худтаъминкунӣ (хозрасчёт) ҷуброн аз ҷониби худи вазорат таҳия гардид, ки аз он ҷумла, методи буҷет, кафолати вазоратро барои пардохти маблағҳои таъиншуда (нақшавӣ)-ро аз даромад ба буҷет, пурра ҷудошударро дар бар мегирифт. Аз ин тарзи корбарӣ вазоратҳои дигар низ истифода мекарданд.

Принсипҳои нави банақшагирӣ ва шавқманд намудан аз ҷиҳати иқтисодӣ дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ тағйиротро дар самтҳои гуногун, махсусан дар муносибати байниҳамдигарии корхонаҳо ва буҷет ба миён оварданд. Худтаъминкунӣ (хозрасчет) ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ низ роҳ ёфт. Масалан, дар муассисаҳои тандурустӣ, мақомоти Суғуртаи (Бимаи) давлатӣ, пажӯҳишгоҳҳои лоиҳасозӣ ва илмитадқиқотӣ захираҳои шавқмандсозии иқтисодӣ пайдо шуданд, тартиби аз ҷониби худи муассисаҳо тақсим намудани даромад ва ғайра ташаккул ёфтанд.

Дар давраи сотсиализми мутараққӣ ва пасин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли ҷумҳуриҳои дигар навъҳои зерини андоз вуҷуд доштанд:

1) пардохтҳо аз даромади корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ:

-- пардохт барои захираҳои асосии истеҳсолӣ ва воситаҳои дар гардишбудаи меъёрӣ (нормавӣ);

-- боқимондаи озоди даромад;

-- бардошт (отчисление) аз даромади корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ;

-- бардоштҳо ба буҷет барои хароҷоти кофтуковҳои минералҳои маъданӣ (геологӣ).

2) андоз аз гардиш;

3) андоз аз намоиши кинофилмҳо;

4) андоз аз даромади хоҷагиҳои дастаҷамъӣ;

5) андоз аз даромади кооперативияи матлубот ва мақомоти хоҷагии созмонҳои ҷамъиятӣ;

6) даромад аз ҷангал;

7) даромад аз амволи давлатӣ ва манбаъҳои дигар;

8) андоз ва пардохтҳо аз аҳолӣ.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



## Барои хуб шудани

# КОРИ МАҒЗИ САР

- Бо мақсади беҳ гардидани кори мағзи сар барои таомнома истифода кардани маҳсулоти зеринро тавсия менамоем:

- Ҳафтае 1-2 маротиба ҷигар истеъмол намоед.

- Дар тӯли ҳафта 1-2 маротиба тухми мурғ ва ё бедонаро хӯред.

- Ҳафтае 1 маротиба хӯрокҳои аз нахӯд, лӯбиё ва биринҷ омодашударо истеъмол намоед.

- Ҳар рӯз ба миқдори 50-100 грамм чормағз, мағзи офтобпараст ва донаҳои каду (танҳо яке аз инҳо)-ро кӯфта истеъмол кунед.

- Ҳафтае 2 маротиба моҳӣ хӯред.

- Ҳар рӯз 1-2 қошуқчағӣ равғани моҳиро истеъмол намоед, кори мағзи сар хуб мешавад.

# Суханони ҳакимона

Дар онҷое, ки суханат арзиш надорад, суханатро иваз макун, ҷоятро иваз кун.

ххх

Шухӣ ба шарте писандида аст, ки дигаронро бихандонаду касеро наранҷонад.

ххх

Ба пур будани одамон дар атрофамон ҳоҷат нест, ҳамон чанд нафаре, ки дар атрофамон ҳастанд, одам бошанд, кифоя аст.

ххх

Ҳар як чиз зебоигии хосе дорад, вале на ҳар кас онро дида метавонад.

ххх

Ҳама вақт лоиқи номи инсон бош, бадӣ карданд, хубӣ бикун, дурӯғ гуфтанд, рост бигӯ, дилатро ранҷонданд, ту дилхояшонро биёб, бадӣ хостанд хубӣ бихоҳ, ту онҳо нестӣ, ту дигар ҳастӣ, ту инсон ҳастӣ.

ххх

Як ҳарф як зимистони одамро гарм нигаҳ медорад ва гоҳе як ҳарф як умри инсонро сард мекунад.

# ПАНДИ РӮЗГОР



Ду рафиқ аз биёбон мегузаштанд. Бо ҳам баҳс карданду яке дигареро тарсакӣ зад. Рафиқе, ки мушт хӯрда буд, дарди ҷонкоҳеро ҳис мекард, вале чизе нагуфта, болои рег чунин навишт: «Имрӯз дӯсти беҳтаринам маро як шаппотӣ зад».

Роҳро давом дода, ба маконе наздик шуданд. Хостанд, ки оббозӣ кунанд. Шахсе, ки аз ошнояш тарсакӣ хӯрда буд, қариб дар об ғарқ мешуд. Рафиқаш ӯро наҷот дод. Ба худ омада, болои санг «Имрӯз дӯсти беҳтаринам маро аз марг наҷот дод» навишт.

Инро дида рафиқаш пурсид:

- Вақте туро ранҷондам, дар рег навиштӣ, ҳоло бошад, дар санг. Сабаб чист?

Дӯсташ ҷавоб дод:

- Вақте касе моро меранҷонад, онро бояд дар рег нависем, то бо вазидани бод ё резиши борон зуд пок шавад. Аммо, вақте касе дар ҳаққи мо кори хайре мекунад, бояд онро дар санг ҳаккокӣ намоем, то боду борон ҳам онро аз хотираҳо зудуда нагардонанд.

# Хомаҳои ҳафтранги Шамрел

**Дар ҷанубу ғарбии ҷазираи Маврикия деҳаи хурде бо номи Шамрел мавҷуд аст, ки бо замини ҳафтрангаш машҳур аст.**

Дар ин ҷо хомаҳои рег ҳамчун рангинкамон – бо ҳафт ранг ҷило медиҳанд. Баъди вулқон хокистар бо лой омехта шуда, ин рангҳоро пайдо намудааст.

Бо вуҷуди тағйирёбии боду ҳаво замини Шамрел рангҳояшро дигар намекунад. Ҳатто агар хокаро омехта кунанд ҳам, он боз ба рангҳои пештара бармегардад.

Барои сайёҳон хокро дар найчашишаҳои махсус ҳамчун тӯҳфа ҷой доданд. Аҷиб ин аст, ки хоки ранга ҳангоми такон додан дар найчашиша ҳам ҳарчанд омехта шавад, баъди чанд муддат боз ҳафт ранги худро мегирад.

# ОЁ МЕДОНЕД?

Дар асри XV чунин меҳисобиданд, ки ранги сурх хусусияти табобатиро дорад. Беморҳо либоси сурх мепӯшиданд, дар атрофи худ чизҳои рангаш сурхро мегузоштанд.

ххх

Аксарияти одамон баъди 60 - солагӣ 50 фоизи ҳисси таъмро гум мекунанд.

ххх

Дар Лаҳистон дугонаи арӯс ҳамаро ба рақси пулакӣ даъват мекунад. Ба ин восита барои саёҳати навхонадорон маблағ ҷамъ меоранд.



ххх

Абрҳо аз заррачаҳои ниҳоят хурди бухори об иборат мебошанд. Обҳои бухоршуда аз қатраҳои хурдтарин иборат буда, дар болои дарё, кӯл ва баҳрҳо, инчунин дар баргҳои рустанӣ (шабнам) ва нафасгирии мавҷудоти зинда пайдо мешаванд. Ин заррачаҳои хурдтарин хеле сабуканд ва ҳаво онҳоро мебардорад. Аммо вақте ки ин заррачаҳо сард мешаванд, ба ҳам омехта мегарданд ва онҳоро дигар ҳаво бардошта наметавонад. Дар натиҷа онҳо дар шакли борон, жола ва барф ба замин мерезанд.

Боҷу Хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мазҳаби ҶУМЪА

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноӣ Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 72 682